Ин чунин маъно дорад, ки имконияти тарбияи ватандӯстии донишҷӯёни факултети забонӣ тавассути мавод дар бораи кишвари худ дар доираи омӯзиши ҷанбаҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикии забони англисӣ, ки ҳамчун ихтисос омӯхта мешавад, мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур барои дарёфти баъзе паҳлӯҳои ҳалталаби муаммои мазкур бахшида шудааст.

Ҳамин тариқ, **ихтилофот** байни талаботи ҷомеа ва фармоиши давлатӣ дар бораи зарурати тарбияи шахсияти ватандӯст ва таҳияи нодурусти мундариҷаи таълими забони хориҷӣ, ки ба донишомӯзии муҳассилин дар бораи кишвару Ватани худ нигаронида шудааст; байни иқтидори тарбиявии фанни «забони хориҷӣ» ва коркарди нокифояи назариявӣ ва амалии технологияҳои педагогӣ барои татбиқи он дар фаъолияти педагогии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ **муаммои** тадқиқотро ба вуҷуд овард, ки аз баррасии хусусиятҳои истифодаи маводи маҳаллӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳи забономӯзӣ иборат аст.

Ихтилофоти дар боло зикршуда **муаммои таҳқиқотро** муайян намуд, ки аз санҷиши самаранокии технологияи истифодаи маводи маҳаллии кишвар дар раванди таълими забони хориҷӣ ба омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ дар гурӯҳҳои тоҷикизабони факултетҳои забонӣ иборат аст, ки метавонад ба тарбияи ватандӯстии донишҷӯён таъсири мусбат расонад.

Аҳамияти муаммои баррасишаванда, коркарди нокифояи ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии он **интихоби мавзуи таҳқиқотро** зери унвони «Технологияи истифодаи маводи маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсият» муайян кард.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ.**

Тадқиқоти мазкур бевосита ба иҷрои "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030" марбут буда (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №438 аз 30 августи соли 2019), инчунин бо нақшаи дурнамои илмии кафедраҳои педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ва Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 робита дорад. (Мавзуи рисола дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №8129 аз 13.03.2023 ба қайд гирифта шудааст).

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот:** коркард, санҷиш, инчунин ҷорӣ намудани технологияи истифодаи маводи маҳаллӣ дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дар дарсҳои амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ дар донишгоҳи забонӣ.

**Объекти таҳқиқот:** раванди таълими забони хориҷӣ дар факултетҳои забонҳои хориҷии донишгоҳҳои педагогӣ.

**Мавзуи таҳқиқот:** шароити педагогӣ, ки тавассути маводи маҳаллӣ дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ фароҳам оварда шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Пажӯҳиши асосҳои илмию назариявии тарбияи ватандӯстии донишҷӯён аз нигоҳи таърихӣ ва муосир.

2. Ошкор кардани хусусиятҳои хоси раванди таҳсилот, ки барои тарбияи ватандӯстии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳи забонӣ аҳамият доранд, коркарди меъёр ва нишондиҳандаҳои амсилаи сохтории баҳодиҳии сифати тарбияи ватандӯстии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ, инчунин аз рӯйи онҳо муайян кардани сатҳи тарбияи ватандӯстии шахсияти донишҷӯёни факултети забонӣ.

3.Муайян намудани нақши иқтидори тарбиявии маводи маҳаллӣ дар тарбияи ватандӯстии донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ ва дар асоси принсипҳои тарбияи ватандӯстие, ки дар илми педагогика коркард шудаанд, асоснок намудани принсипҳои тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дар донишгоҳи забономӯзӣ тавассути маводи маҳаллӣ.

4.Коркарди технологияи истифодаи маводи маҳаллӣ дар таҳсилоти забонӣ барои инкишофи муҳаббати донишҷӯён ба Ватан тавассути навъҳои гуногуни фаъолияти нутқӣ ба забони хориҷӣ, инчунин бо роҳи озмоиш исбот кардани самаранокии технология.

5. Таҳия намудани тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба истифодаи маводи маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандустии шахсият.

**Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки ташаккул ва инкишофи тарбияи ватандӯстии омӯзгорони ояндаи соҳа дар раванди таълими забони хориҷӣ самарабахш хоҳад буд, агар:

- дидгоҳи инфиродӣ-прагматикӣ ба таълими забони хориҷӣ истифода шавад, ки ба ворид намудани таҷрибаи умумиинсонӣ ба ҷанбаи аксиологӣ, яъне арзишии он нигаронида шудааст, ки барои ҳар як субъект аҳамияти хоса дорад;
- дар раванди машғулиятҳои аудиторӣ ва чорабиниҳои беруназаудиторӣ барои муоширати байнишахсии донишҷӯён муҳити муносиби забонии ба ватандӯстӣ нигаронидашуда фароҳам оварда шавад;
- технологияи муаллифие, ки ҷузъи меҳварии он мавод оид ба хусусиятҳои фарҳанги маҳаллӣ ба забони хориҷӣ мебошад, коркарду ҷорӣ гардад;
- ташхиси педагогии раванди ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ дар асоси амсилаи баҳодиҳандаи аз ҷониби муаллиф омодашуда анҷом дода шавад.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот:** муқаррароти ислоҳоти низоми маориф, ки дар ҳуҷҷатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим шудаанд; талабот ва принсипҳои тарбияи ватандӯстӣ, ки дар Консепсияи миллии маориф ва Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии такмили маориф ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" муайян гардидаанд; ҳуҷҷатҳои дастурӣ ва барномавӣ оид ба масъалаҳои тарбия ва таълим; асосҳои фалсафаи материалистӣ дар бораи моҳияти гуманизм, ахлоқ, таҷриба ва мероси иҷтимоӣ ва фарҳангии мардумон; таълимот дар бораи муносибатҳои иҷтимоӣ ва шуури ҷамъиятӣ ва нақши онҳо дар ташаккули шахсият; назарияҳои тарбияи шахсият аз нигоҳи ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ; принсипҳои асосии мактаби муосир дар бораи зарурати объективии навсозии илмии мазмун, шакл, усулҳо ва воситаҳои

тарбия; ғояи ҷорӣ кардани маводи кишваршиносӣ дар раванди тарбия; консепсияҳои равишҳои низомӣ, шахсиятгаро, аксиологӣ, этнопедагогӣ ва фаъолиятнокӣ дар маориф; консепсияҳое, ки дар корҳои илмӣ оид ба назария ва методикаи таҳсилоти забони хориҷӣ пешниҳод шудаанд.

**Методҳои таҳқиқот**, ки барои иҷро намудани вазифаҳои зикршуда ва тасдиқи фарзияи таҳқиқот истифода шуданд:

- таҳлили назариявии адабиёти илмию педагогӣ;
- методҳои эмпирикӣ (омӯзиш ва умумикунонии таҷрибаи омӯзгорон ва донишҷӯён, мушоҳида, тавсиф, пурсиш);
- методҳои таҳлили назариявӣ (ретроспективӣ, системавӣ ва ғ.);
- методҳои омории коркарди маълумот;
- таҳлили стандартҳои таҳсилот, нақшаҳои таълим, барномаҳои кории таълимӣ (силлабусҳо) аз фанҳои тахассусии донишгоҳи забонӣ аз рӯйи ихтисоси «Забони англисӣ».

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Ба сифати заминаи таҷрибавии таҳқиқот маълумотҳои далелноки илмӣ хизмат кардаанд, ки барои коркарди технология оид ба мавзуи диссертатсия имконият дода, дар рафти коркарди он мушоҳидаҳову муқоисаҳо анҷом ёфтаанд ва санҷиши озмоишии самаранокии технологияи пешниҳодшуда амалӣ гардид.

**Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқот:** Факултети забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», инчунин Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. Ҳамагӣ дар таҳқиқот 345 нафар донишҷӯён иштирок доштанд. Дар марҳалаи муқарраркунандаи озмоиш 281 нафар донишҷӯи курси дуюм, дар марҳалаи ташкилию ҷамъбастӣ 64 нафар аз байни донишҷӯёни курсҳои 2 ва 3 иштирок намудаанд. Ба ғайр аз ин, дар пурсишҳо 42 нафар омӯзгорони фанни забони англисии мактабҳои олӣ иштирок карданд.

Таҳқиқот солҳои 2018-2024 амалӣ гардида, се марҳиларо дар бар гирифт.

**Марҳалаи I** (солҳои 2018-2019) – таҳлили муаммоҳои мубрами тарбияи ватандӯстии муосир амалӣ гардида, ҷустуҷӯи шаклҳои нави ташкили раванди тарбияи ватандӯстии дар донишгоҳи забон анҷом дода шуд; озмоиши муқарраркунанда гузаронида шуд, ки натиҷаи он мавқеи принсипиалиро оид ба зарурати истифодаи маводи маҳаллӣ дар таҳсилоти забонӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ ташаккул дод; барномаи кори озмоишӣ тартиб дода шуда, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидаанд, муаммои таҳқиқоти илмӣ ифода ёфта, мақсад ва вазифаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дақиқ карда шуданд.

**Марҳалаи II** (солҳои 2020-2022) – адабиёти фалсафӣ ва психологию педагогӣ, тадқиқотҳои илмӣ оид ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстии таълимгирандагон, инчунин таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ дар мавриди истифодаи маводи маҳаллӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсият омӯхта шуд; самаранокии технологияи дахлдор коркард ва дар рафти озмоиш санҷида шуд.

**Марҳалаи III** (солҳои 2023-2024) – натиҷаҳои корҳои озмоишӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳои таҳқиқот муайян ва таҳлил карда шудаанд, тавсияҳои методӣ ифода ёфта, матни диссертатсия таҳия гардид.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст:

- мундариҷаи тавсифи таркибии мафҳуми ватандӯстӣ ҳамчун муҳимтарин сифати шахсияти соҳибзабон баррасӣ гардида, самтҳои асосии тарбиявии он нишон дода шуданд;
- вазифаҳои тарбиявии омӯзгор муайян гардида, воситаҳои педагогии тарҳрезии тарбияи ватандӯстӣ дар раванди забономӯзӣ аниқ гардиданд;
- амсилаи сохторию мундариҷавии баҳодиҳии сифати тарбияи ватандӯстии донишҷӯён коркард карда шуд;
- технологияи истифодаи маводи маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсият коркард гардида, тариқи озмоиш санҷида шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

**-** тасаввурот дар бораи тарбияи ватандустӣ вусъат дода шуд;
- моҳияти кори тарбиявӣ дар раванди забономӯзӣ дар донишгоҳ ошкор гардида, мазмуни асосии кори тарбиявӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ муайян гардид;
- ҷанбаҳо ва дидгоҳҳои гуногун нисбат ба истифодаи иқтидори тарбиявии маводи маҳаллӣ ҳангоми таълими забони англисӣ дар мактаби олии забономӯзӣ ба низом дароварда шудаанд;
- роҳу усулҳои самараноки ташкили раванди педагогӣ барои истифодаи маводи маҳаллӣ дар омодасозии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ бо воситаҳои фаъолияти нутқӣ ба забони хориҷӣ коркард шудаанд;
- технологияи истифодаи маводи маҳаллӣ дар доираи тарбияи ватандӯстии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ бо воситаи фанҳои тахассусӣ пешниҳод гардидаанд.

**Асоси амалии таҳқиқот** дар он аст, ки технологияи аз ҷониби муаллиф пешниҳодшударо оид ба истифодаи маводи маҳаллӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсият метавон дар раванди таълими забони англисӣ дар тамоми муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ корбаст намуд. Навъҳои супоришот ва машқҳои дар технология пешниҳодшударо ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ бо забони англисӣ истифода бурдан мумкин аст, зеро онҳо на танҳо ба тарбияи ватандӯстии донишҷӯён мусоидат мекунанд, балки ҳамчунин дар ба даст овардани малакаҳои муоширатӣ бо забони хориҷӣ аз ҷониби донишҷӯён самаранок мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот** аз таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, гузаронидани корҳои озмоишӣ, аз ҷумла, коркарду дар раванди таълими забони хориҷӣ татбиқ намудани технологияи муаллифӣ ва амсилаи назариявӣ, инчунин таҳлилу пешниҳоди натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли интишороту гузоришҳои илмӣ иборат аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисола ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат мекунад:

- банди 3.1. Методологияи тадқиқот роҷеъ ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ;
- банди 3.6. Тайёр кардани коргарони соҳибихтисос ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;
- банди 3.13. Технологияи муосири таҳсилоти касбӣ.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки як қатор омилу хатарҳо ба амнияти миллии кишварҳо ва сохти конститутсионии онҳо таҳдиди воқеӣ доранд, тарбияи

ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ яке аз вазифаҳои таъхирнопазири мактаби муосир мебошад.

2. Тарбияи ватандӯстӣ раванди тарбиявии махсусан ташкилшуда ва ҳамгирое мебошад, ки ба фароҳам овардани шароити педагогӣ барои ташаккули шахсияти ватандӯсти масъули кишвар бо мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ равона гардидааст, ки ба мафкураи барои миллат бегона қатъиян муқовимат нишон дода метавонад, ба муаммоҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат сарфаҳм меравад, барои алоқаманд кардани ҳалли вазифаҳои амалӣ ва тарбиявӣ қобилият дорад.

3. Низоми машғулиятҳои синфӣ ва чорабиниҳои беруназсинфӣ дар донишгоҳ бояд на танҳо ба омодагии касбии донишҷӯён мусоидат намояд, балки инчунин ҳамроҳ бо корҳои зарури фаҳмондадиҳӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ сурат гирад, ки ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта, эҷодкор, соҳиби мавқеи фаъоли ҳаётӣ ва дар сатҳи баланди ғоявию сиёсӣ ва илмӣ қарордошта ва соҳиби тахассусмандии педагогӣ равона гардидааст.

4. Ҳангоми омодасозии омӯзгори ватандӯст дидгоҳи фаъолиятнокӣ, ки ҳамкории якҷояи таълимгирандагон, ҳамчунин омӯзгору таълимгирандагонро пешбинӣ менамояд, бояд тавассути ҷанбаи кишваршиносӣ тарҳрезӣ шуда, мазмуни педагогикаи мардумиро дар бар гирад.

5. Маводи маҳаллӣ муоширатро бо забони хориҷӣ таҳрик дода, дар ҳамгироӣ бо таҷрибаи шахсии донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар раванди фаъолияти таълимӣ далелу тафсилоти ҳаёти ҳаррӯза, воқеияти объективӣ ва хусусиятҳои фарҳанги халқи худ корбаст гарданд.

6. Технологияи истифодаи маводи маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ, ки дар асоси дидгоҳҳои системавӣ, ба шахсият нигаронида, аксиологӣ, этнопедагогӣ ва фаъолиятнокӣ коркард шудааст ва ба мундариҷаи он ҷузъҳои мақсаднок (мақсад, вазифаҳо, принсипҳо, дидгоҳҳо, қонуниятҳо); мундариҷавӣ (фаъолият, марҳалаҳои кори омӯзгор); протсессуалӣ (шакл, усулу воситаҳо); ташхисӣ (меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, сатҳҳо, натиҷаҳо) дохил мешаванд, метавонад дар тарбияи ватандӯстии шахсияти омӯзгори забони хориҷӣ дар марҳалаи омодагии касбии ӯ дар донишгоҳ мусоидат намояд.

7. Арзёбии сифати тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дар донишгоҳи забономӯзӣ метавонад дар асоси амсилаи сохторию мундариҷавӣ амалӣ шавад, ки аз ягонагии се ҷузъи асосӣ: қобилиятҳои когнитивӣ, мавқеи арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолнокии иҷтимоии донишҷӯ иборат буда, дар маҷмӯъ, сохтори мундариҷаи тарбияи ватандӯстиро дар шароити таълими забони хориҷӣ ташкил медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар тамоми марҳалаҳои кор сурат гирифт. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои семинари назариявии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ, дар лексияҳо ва дарсҳои амалӣ барои шунавандагон – омӯзгорони забони англисӣ дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи вилояти Суғд, дар ҷаласаҳои иттиҳодияи методии омӯзгорони забони англисии шаҳри Хуҷанд пешниҳод ва баррасӣ шудаанд. Натиҷаи таҳқиқот инчунин дар конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Масъалаҳои мубрами филология ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён аз забонҳои хориҷӣ” (Душанбе 2023), “Масъалаҳои

назария ва амалияи тарҷума ва забоншиносӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ” (Душанбе 2023), “Назария ва ҷанбаҳои таҳлили таҳқиқотҳои навин” (Стамбул 2024) мавриди баррасӣ гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшаванда, маҷаллаҳои дигар ва маҷмӯаҳои мақолаҳои илмӣ-методӣ инъикос ёфтанд. Мазмуни асосии таҳқиқот дар 15 интишороти илмӣ инъикос гардид, ки 5-тои онҳо дар нашрияҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда ба табъ расиданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт оид ба мавзуи таҳқиқот ва се замима иборат аст. Мундариҷаи таҳқиқот дар 182 саҳифа баён шуда, дар матни он 7 диаграмма ва 9 ҷадвал ҷойгиранд. Рӯйхати адабиёт аз 164 номгӯй иборат аст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** аҳамияти мавзуи тадқиқот асоснок гардида, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии кор ифода ёфтанд, марҳалаҳои асосии он  ва фарзияи тадқиқот тавсиф шуда, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда муайян гардиданд.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони **«Асосҳои назариявии тарбияи ватандӯстии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ»** се фаслро дар бар гирифт. Дар ин боб мавқеъ ва нақши тарбияи ватандӯстӣ дар ҷомеа ҳамчун омили асосии таъсиргузор ба рушди устувори сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва амнияти миллат арзёбӣ шудааст, ки ин нуктаро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», ки таъсиси низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандони кишварро барои давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат тақозо мекунад, ба таври объективӣ исбот карда метавонад. Дар ин ҳуҷҷат ватандӯстӣ ҳамчун самти махсуси рафтори иҷтимоии шаҳрвандон баррасӣ шудааст, ки мазмуни ҳаёти шахсият, вазифаву масъулияти ӯро дар назди ҷомеа ташкил медиҳад.

### 1.1. Мавқеъ ва нақши тарбияи ватандӯстӣ дар сиёсати маорифи давлат ва назарияи педагогӣ

Дар Консепсияи миллии тарбия ба унсурҳои ғоявию сиёсӣ, ватандӯстӣ, меҳнатӣ ва ахлоқии таълимгирандагон диққати махсус дода шудааст. Дар ин ҳуҷҷат вазифаҳои аввалиндараҷаи муассисаҳои таълимӣ зикр гардидаанд, ки ба ташаккули шахсияти ҷавонони соҳиби дониш, малака, сифат ва қобилияти ба талаботи асри 21 ҷавобгӯ нигаронида шудааст.

Саҳм ва имкониятҳои муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи ҷавонони ватандӯст хеле бузург мебошанд, зеро тарбияи ахлоқии шахсият маҳз аз мактаб оғоз меёбад. Дар шароити муосир яке аз ҳадафҳои мактаби олӣ ташаккули чунин шаҳрванд мебошад, ки ӯҳдадориҳои шаҳрвандии худро ичро намояд, ба ғояҳои демократия ва манфиати иҷтимоӣ содиқ бошад, эҳтироми озодии миллӣ ва шахсиро ба ҷо орад, қонунҳои давлатро риоя намояд ва баҳри пеш бурдани фаъолияти самарабахш ба нафъи ҷомеа ва шахсият дорои сифату қобилиятҳои зарурӣ бошад.

Эҳсоси ватандӯстӣ худ аз худ ба вуҷуд намеояд, он натиҷаи таъсири дуру дароз ва мақсадноки тарбиявӣ мебошад. Донишҷӯ бояд фаҳмад, ки ӯ як ҷузъи халқ, ҷомеа, шаҳрванди кишвар аст. Заминаҳои эҳсоси ватандӯстӣ дар наврасӣ гузошта мешаванд ва ҳангоми ҷавонӣ инкишоф меёбанд, вақте ки ҷанбаи эмотсионалии ӯ таассурпазир

буда, дар хотири ӯ образҳо муддати дароз ба таври равшан боқӣ мемонанд, маҳз дар ҳамин давра шахсияти ватанпарварро тарбия кардан мумкин аст. Тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ раванди бисёрҷанба ва муназзам буда, масъалаҳои зиёдеро ҳал мекунад, хусусан дар шахсияти ҷавонон дарки дӯст доштани Ватан, ифтихор аз мансубият ба миллати худ, арзишҳои миллиро ва инчунин ҳисси сарфарозӣ аз гузашту имрӯзи Ватанро ташаккул медиҳад.

Ҳангоми таҳқиқи масъалаи тарбия ҳамчун ҷузъи таркибии таҳсилот, омӯзиши мероси мутафаккирони давраҳои гузашта ва имрӯзаи тоҷик аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ба насли наврас интиқол додани афкори онҳо оид ба таълиму тарбия, бешубҳа, барои ташаккули шуури ватандӯстии ҷавонон хизмат мекунад. Таъмини робитаи замони гузашта ва муосир ба ҳифзи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ мусоидат мекунад, ки тавассути он ҳар як миллат симои маънавӣ, психологияи мардумӣ, расму оин, анъанаҳо ва ҳувияти худро такрор намуда, идома медиҳад. Аз ин рӯ, дар қисмати мазкури рисола ғояҳои идомати анъана ва расму оинҳои миллӣ, педагогикаи халқӣ ва хиради ниёгон, ки  дар эҷодиёти мутафаккирони бузурги Шарқ — Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Абурайхони Берунӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ал-Хоразмӣ ва бисёр дигарон, ки ифтихори халқи тоҷик мебошанд, инъикос ёфтааст, оварда шудаанд.

Дар шароити муосири рушди илми педагогика заминаи онро дидгоҳи шахсиятӣ-прагматикӣ ташкил медиҳад, ки ба дохил намудани таҷрибаи умумии инсонӣ ба ҷанбаи аксиологӣ, яъне арзишии он нигаронида шудааст, ки барои ҳар як субъект аз ҷиҳати инфиродӣ аҳамияти хоса дорад. Дар меҳвари ин таҳқиқоти диссертатсионӣ донишҷӯ – шахсияте қарор дорад, ки эҷодкунандаи фаъоли арзишҳои фарҳангӣ, инсоне мебошад, ки фарҳанги наслҳои пешинро пазируфта, ба ин васила барои кори минбаъда ҳамчун офарандаи ягон чизи нав заминаҳои зарурӣро омода менамояд. Нақши омӯзгор чунин аст, ки таълимгирандагонро ба кори эҷодӣ ҳидоят намояд, ки мақсади он инкишоф додани ҷомеаи фарҳангаш олӣ, ташаккул додани омодагии ӯ барои амал кардан ба манфиати ин ҷомеа, барҳам додани худпарастӣ дар инсон мебошад. Дидгоҳи шахсиятӣ-прагматикӣ ба сифатҳо ва қобилияти хоси инсон, мисли мустақилият, рефлексия, қобилияти эҷодкорӣ, кӯшиши доимӣ барои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ асос ёфтааст.

Таҳлили пажӯҳишҳои психологию педагогии муосири ватанӣ, русӣ ва хориҷии дар ин фасли рисола овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки муаммои ташаккул ва рушди тарбияи ватандӯстӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ хело муҳим буда, то ҳоло мубрам мемонад. Аз асарҳои муҳаққикон маълум гардид, ки асарҳои З.К.Шнекендорф (1979), Р.Ш.Гизатуллин (2005), Е.А.Домченко (2015), М.И.Евдокимова (2005), А.В.Кадикова (2005), Б.В.Куприянов (2013) ва дигарон  ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстии мактаббачагон тавассути омӯзиши забонҳои хориҷӣ бахшида шудаанд.

Олимон Б.Ф.Павлов (2005), М.Қ.Афзалӣ (2007), Т.И.Шакирова (2012), И.Милюкова (2013), Н.Худоёрова (2013), Т.В.Яровова (2015) ва дигарон дар корҳои илмии худ хусусиятҳои тарбияи ватандӯстии донишҷӯёнро таҳқиқ намудаанд. Масъалаи омода намудани омӯзгорон барои тарбияи ватандӯстӣ дар асарҳои А.Қаландаров (2006), Н.М.Заробекова (2010), О.Л.Шабалина (2014), А.В.Рибаков (2014) ва диг. баррасӣ шудааст. Моҳият ва вижагиҳои муошират байнифарҳангӣ дар осори Н.Д.Галскова (2004), А.В.Вартанов (2003), А.А.Миролюбов (2001), М.Р.Хайрутдинова (2016), О.В.Лебедева (2016) ва дигарон инъикос ёфтааст.

Дар рисола хусусиятҳои семантикии категорияи «ватандӯст» (патриот), ки аз калимаи юнонии patr^ta (тарҷумааш “ҳамватан”) гирифта шудаасту асоси онро калимаи patrios, яъне “мансубият ба падарон, ба Ватан” ташкил мекунад, баррасӣ шудааст. Дар он зикр мегардад, ки аз қадим ватандӯстӣ яке аз хислатҳои бунёдӣ буда, моҳияти дилбастагӣ, ҳувият ва садоқат ба ҷомеа ва инчунин фазилати бунёдии марбут ба мавқеъи шаҳрвандии шахсро муайян мекунад. Меъёрҳои Қуръони Карим, ки онро метавон нуқтаи ибтидоии муносибати суннатии аксари намояндагони миллати тоҷик нисбат ба Ватан ва ҳамватанони худ арзёбӣ кард, аз ин далолат медиҳад.

Дар зербоби аввал назарияи илмӣ ва афкори педагогии К.Д.Ушинский, В.Г.Белинский, А.С.Макаренко, В.А.Сухомлинский низ оварда шудаанд, ки ба масъалаи тарбияи ватандӯстии кӯдакон ва ҷавонон эътибори хоса зоҳир намуданро ишора кардаанд, зеро мазмуни ватандӯстӣ арзишҳову идеалҳои умумибашариро дар бар мегирад, ки шахсро ҷузъи ҷомеаи умумибашарӣ мегардонанд.

Педагогҳои ватанӣ низ дар таълифоти худ ба масъалаҳои тарбияи ватандустӣ диққати махсус медиҳанд. Ба андешаи Н.Худоёров, ватандӯстӣ ин «принсипи маънавию ахлоқии ҳаёту фаъолияти инсон буда, муносибати масъулиятшиносии одамонро нисбат ба Ватан, халқ, фаъолияти судманду пурсамар ба нафъи Ватан, афзун намудани сарвати он, инкишофи илм ва маданият, ҳифзи озодӣ ва шаъну шарафи давлати худро инъикос мекунад» [133, с.150]. Аз рӯи фаҳмиши А.С.Саидмуъминов ин падида “таҳкурсие, ки дар он ҳама давру замон табақаҳои ҷомеаи тоҷик муттаҳид мешаванд” дониста мешавад [117, с.5]. Тибқи таърифи Н.М.Заробекова, ватандӯстӣ “фаъолияти бисёрҷанба, мунтазам, мақсаднок ва ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ (мактабҳо, донишгоҳҳо), иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳо ҷиҳати ташаккул додани шуури баланди ватандӯстӣ дар байни ҷавонон, ҳисси олии садоқат ба Ватан, омодагӣ барои иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ва муҳимтарин вазифаҳои конститутсионӣ баҳри ҳифзи манфиатҳои Ватан» мебошад [53, с.170].

Бар асоси натоиҷи омӯзиши масъалаи дар ин банд гуфташуда хулоса кардан мумкин аст, ки ватандӯстӣ чунин хислати инсонист, ки шахсро ба фидокории манфиатҳои хеш ба хотири муҳаббат, садоқат, дилбастагӣ ба Ватан водор месозад, инсонро барои бо мақсади ободии кишвар беғаразона хизмат намудан ҳидоят мекунад, инчунин маҷмӯи эҳсосоти мухталиф марбут ба Ватан, аз ҷумла, ҷанбаҳои фарҳангӣ, этникӣ, таърихию сиёсии он мебошад.

### 1.2. Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ

Имрӯз омӯзгор, пеш аз ҳама, мураббии ғоявӣ, тарбиятгар, тарғибкунандаи мафкураи ҷамъият мебошад, меҳнати ӯ дар ҷомеа бояд мавриди эҳтироми умум қарор гирад. «Омӯзгори муосир – шахсияти кордонест, ки маҳорати худро бо худмуайянкунии касбӣ, худинкишофдиҳӣ, яъне ташаккул додани сифатҳои шахсие, ки барои иҷрои фаъолияти касбӣ заруранд, муайян мекунад» [114]. Ӯ бояд объекти ифтихор ва намунаи ибрати ҷомеа, субъекти эҳтироми умум бошад ва инро бо хизмати фидокорона ба маорифи халқ, ҳисса гузоштан дар ташаккули инсони нав, саховатмандии дили худ, хислатҳои наҷиби маънавӣ ва меҳру муҳаббат ба таълимгирандагон ба даст орад. Аз ин рӯ, мактаби олие, ки бо тайёр кардани омӯзгорони оянда машғул аст, бояд ба он нигаронида шавад, ки хатмкунандагони он баъди гирифтани диплом аз донишгоҳ ҳамчун кадри аз чиҳати гражданӣ ва ахлоқӣ

баркамол омода бошанд. Омӯзгор бояд аз ҷиҳати идеологӣ мусаллаҳ бошад, мавзуъҳои ба ҳам алоқамандро донад, аз тараққиёти фарҳанг, адабиёт ва санъати муосир пайгирӣ кунад. Худомузӣ на танҳо вазифаи омӯзгор, балки касбу кори ӯ аст, яъне худомӯзии омӯзгорро мавқеи ӯ ҳамчун мураббӣ ва дӯсти ҷавонони кишвар тақозо мекунад. Ба талабот ва замон ҷавобгӯ будани омӯзгор кори осон нест ва аз ин лиҳоз ӯро лозим аст, ки мунтазам бо худомузӣ машғул шавад, адабиётро бештар мутолиа намояд, омӯзад ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намояд.

Дар мактаби олӣ донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои гуногун, инчунин ҳангоми иштирок дар чорабиниҳои беруназсинфӣ дарси ватандӯстиро фаро мегиранд. Дар ин ҷо таҷрибаи рафтори шаҳрвандии онҳо ба андозаи назаррас андӯхта мешавад. Омӯзгор ташкилотчии коллектив, ёрирасони аввалин ва ивазнопазири ҷавонон дар фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад. Мавқеи якҷояи сиёсӣ ва педагогии ӯ шарти асосии самаранокии тарбияи шаҳрвандӣ ва ахлоқии донишҷӯён ба шумор меравад. Тарбиятгари хуб будан, пеш аз ҳама, маънои шаҳрванди ҳақиқӣ, фаъоли ҷамъиятӣ буданро дорад, ки дорои мафкураи фаъолонаи худ аст. Вазифаи муқаддаси ҳар як омӯзгор аз он иборат аст, ки дар таълимгирандагон ҳисси ифтихорро нисбат ба халқи худ бедор карда тавонад ва лозими қайд аст, ки барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ифтихори миллӣ, пеш аз ҳама, аз асли асотирӣ ва анъанаҳои таърихи дури тоҷикон сарчашма мегирад. Ҷавонони муосир дӯст доштан ва ҳифзи сарзамини аҷдодии хешро, инчунин ободии Ватан ва сохтани давлати тоҷиконро бояд қарзи худ донанд. Ҷавонон бояд фахр кунанд, ки вориси Исмоили Сомонӣ, Рӯдакиву Фирдавсӣ, Хайёму Ҳофиз, Ибни Синову Мавлоно, Саъдиву Камол, Имом Ғазоливу Имоми Аъзам ва садҳо бузургон ҳастанд.

Забони хориҷӣ барои тарбияи ватандӯстии ҷавонон маводии ғаниро фароҳам меорад. Дар шароити донишгоҳҳои педагогӣ бо истифода аз ин фан имконияти дар омӯзгорони оянда парваридани маҳорати тафаккури мустақилона вуҷуд дорад, зеро раванди таълимро ҷудо аз такмили ахлоқи таълимгирандагон ташкил наметавон кард.

Муҳимтарин вазифаҳое, ки имрӯз дар назди омӯзгорони забони хориҷӣ гузошта шудаанд, инҳоянд:

1. минбаъд низ беҳтар намудани сифати таълим;
2. дарёфти усулҳои беҳтарини гузаронидани дарс, ки барои пурратар мувофиқ гардонидани самтгирии амалии таълимро бо вазифаҳои умумии таълиму тарбиявии мактаб имконият медиҳанд;
3. коркарди стратегияҳои самарабахше, ки дар раванди таълими забони хориҷӣ барои донишҷӯён имконияти фарогирии фарҳанги худомӯзӣ, малакаҳои кори мустақилона, маҳорати худомӯзиро фароҳам мееоранд;
4. истифодаи мундариҷаи фанни забони хориҷӣ ва робитаҳои байнифаннии он, махсусан, бо фанҳои гуманитарӣ ҷиҳати тақвияти тарбияи ватандӯстии таълимгирандагон ва ташаккули ҷаҳонбинии онҳо;
5. ташкили муҳити таҳсилоти забони хориҷӣ тавассути вазъиятҳои гуногуни таълимӣ, ки дорои ҷузъи маводи маҳаллӣ ҳастанд ва аҳамияти тарбиявӣ ва рушддиҳанда доранд.

Шарти муҳими ташкили самаранокии раванди муосири таълим шароит ва фазои мувофиқ (бо истифодаи матн, тасвир, рӯзнома, адабиёти англисзабон, васоити аёнӣ, китобхона, маълумотнома, муховара, маводи аудиоӣ ва видеоӣ, муаррифиҳо, адабиёти оммавӣ) мебошад, ки натиҷаи кори омӯзгор ва донишҷӯёнро муайян

мекунад ва ба ташаккули маданияти шахсии муҳассилин, баланд бардоштани самаранокии таъминоти иттилоотии раванди таълим таъсири тарбиявӣ дорад.

Дар фаъолияти педагогии худ омӯзгор бояд нақши омӯзиши маводи маҳаллиро дар тарбияи хонандагон нишон диҳад, аз навъҳои имконпазири кор (истифодаи матнҳои алоқаманд, диктантҳо, машқҳо, варақаҳо бо супоришҳои луғавию грамматикӣ ва ғайра) аз маводи минтақа истифода намояд. Баҳри инкишофи нутқи таълимгирандагон нишон додани роҳҳои ғанӣ гардондани захираи луғавӣ бо лексикаи характери маҳаллидошта (машқи гуфтор, тартиб додани муколама, кор бо расмҳо, суҳбат) муҳим аст. Ба ақидаи А.С.Андрюнина, ҳоло «кори мақсадноки омӯзгорон зарур аст, то ки донишҷӯён аз арзишмандии маҳалли истиқомат ва таҳсил огаҳ шаванд. Он ҷалби омӯзгорони ояндаро ба фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ барои минтақа муҳим, инчунин истифодаи усулҳои интиқоли муносибати арзишпазирро ба Ватан дар муҳити таълим ва ғайраро дар бар мегирад» [11, с.10].

Ҳамин тариқ, дар асоси тадқиқот хусусиятҳои зерини тарбияи ватандӯстии омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, ки бо хусусиятҳои таълими забони хориҷӣ ва ҳадафҳои тарбияи ватандӯстӣ муайян карда мешаванд, тавсиф карда шудаанд:

- ҳамгироии ҷанбаҳои педагогӣ;
- баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии худ;
- рушди муоширати байнифарҳангӣ;
- татбиқи усулҳои ҳамфаъоли таълим;
- ташаккули тафаккури интиқодӣ;
- намунаи шахсии муаллим.

**1.3. Маводи маҳаллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳи забономӯзӣ**

Омӯзиши фарҳангу ҳувияти миллӣ дар рушди худшиносии миллат, ҷаҳонбинии ватандӯстӣ, мавқеи возеҳи шаҳрвандии ҷавонон нақши муҳим дошта, мақсади асосии он баланд бардоштани маърифати маънавии донишҷӯён дар замони ҷаҳонишавӣ мебошад. Ҷиҳатҳои башардӯстонаи инсониятро танҳо тавассути фарҳанг дарк метавон кард. Аз ин лиҳоз Н.В.Баришников, Р.Д.Галскова, Е.И. Пассов, Н.Е. Кузовлева, Т.И. Жаркова, М.К. Гетманская, А.А.Ваҳобова ва дигарон чунин ақида доранд, ки барои дар муоширати байнифарҳангӣ ҳамсуҳбати ҷолиб будан таълимгирандагон бояд фарҳанги миллии худро донанд ва онро дарк кунанд.

Адабиёти илмии дахлдорро оид ба мавзуи таҳқиқот омӯхта, мо ба хулосае омадем, ки асоси тарбияи ватандӯстиро амалҳои иҷтимоию педагогӣ, ҳамгирокунанда-фаъолиятӣ, арзишию ангезавии омӯзгор ташкил медиҳанд, ки раванди таълиму тарбияро бо дарназардошти манфиатҳои ҷомеа, ҳамчунин хусусиятҳои тарбияи донишҷӯён бо баинобатгирии ҷиҳатҳои миллӣ тарҳрезӣ мекунад, ки дар ниҳояти кор дидгоҳи иҷтимоию педагогиро таъйин менамоянд.

Дар дарси забони хориҷӣ омӯзгорон дар баробари ҳалли масъалаҳои амалии аз худ намудани забони омӯхташаванда метавонанд ҷаҳонбинии хонандагонро ташаккул диҳанд, дар онҳо ҳисси ватандӯстӣ, шаҳрвандӣ, муҳаббатро ба забони модарии худ тавассути маҳорати истифодаи забони хориҷӣ дар раванди муколамаи байни фарҳангҳои худ ва хориҷӣ парвариш намоянд. Неруи истифодаи дидгоҳи фарҳангшиносӣ дар дарси забони хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстӣ имконияти зиёдро фароҳам меорад ва асоси таълими забони хориҷӣ бояд равиши фаъолиятнокӣ барои азхудкунии рукнҳои асосии фаъолияти нутқ (тафаҳҳум, гуфтор, хондан, навиштан) аз ҷониби донишҷӯён ташкил намояд.

Маълум аст, ки баргузории муколама аз дидгоҳи маълумот оид ба кишвари худ, фарҳанг ва ҷуғрофияи маҳалли муайян, дар бораи таърихи зодгоҳ метавонад барои пурмазмун гардидани суҳбат маводи иловагӣ диҳад.

Аммо қайд бояд кард, ки барои ба миён гузоштани масъалаи ташаккули тарбияи ватандӯстии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ бо истифода аз маводи маҳаллӣ дар асоси технологияи махсус таҳияшуда дар шароити муосири таълим асосҳои назариявӣ ва методӣ кофӣ нестанд. Ба андешаи А.А.Миролюбов, «ҳангоми корбарӣ бо ҷузъи иҷтимоию фарҳангӣ бояд барои муқоиса аз унсурҳои фарҳанги ватанӣ истифода кард, зеро танҳо дар ҳамин ҳолат таълимгиранда на танҳо хусусиятҳои дарки оламро аз ҷониби соҳибони забони омӯхташаванда, балки хусусиятҳои чунин идрокро аз ҷониби халқи худ дарк мекунад» [95, с.11].

Ба ақидаи педагоги ватанӣ Н.М.Заробекова «мундариҷа ва ташкили омодасозии омӯзгорони оянда барои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар асоси ба назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ ва этникии хонандагон, тарзи зисти оилавии онҳо, инчунин бо дарназардошти имкониятҳои муассисаи таълимӣ амалӣ мегардад; таҳсилоти педагогӣ ҷузъи таркибии тарбия аст, ки ба раванди азхудкунии миқдори муайяни дониш ва натиҷаи азхудкунии он нигаронида шудааст» [53, с.170].

Мо бо андешаҳои ин олимон комилан розӣ ҳастем, вале бояд дар хотир дошт, ки бартарии як фарҳанг дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ метавонад барои донишҷӯён нақши манфӣ дошта бошад, зеро ба ақидаи М.А.Абдуллоева, «муколамаи байнифарҳангӣ фармонравоӣ, авторитаризмро аз ҷониби ягон нафар намепазирад, худи имконияти зоҳиршавии ифротии мардуммарказиро (этносентризм) аз байн мебарад» [2, с.81]. Аз ин рӯ, мо зарур мешуморем, ки ҳангоми таҳияи мундариҷаи таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳ тавозуни муайяни байни маводи кишваршиносии хориҷӣ ва маҳаллӣ риоя карда шавад.

Дар рисола масъалаи принсипҳои тарбияи ватандӯстӣ баррасӣ шуда, принсипҳои зерини иловагӣ, ки дар асоси маводи маҳаллӣ таҳия шудаанд, пешниҳод карда мешаванд:

- Принсипи ягонагии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои таълимӣ, ки ба тарбияи ватандӯстии ҷавонон нигаронида шудааст;
- Принсипи гуманизатсияи муҳити таҳсилот (муносибати масъулиятнок ва мустақилонаи донишҷӯ ба рушди худ; омодагӣ ба кӯмак, эҳтиром ба дигарон);
- Принсипи мутобиқ будан ба табиат (бо дарназардошти қонунҳои инкишоф, ташкили психофизикӣ ва майл, хусусиятҳои синну сол; эҳтиром ба шахсияти таълимгиранда);
- Принсипи муносибати инфиродӣ ба тарбияи донишҷӯён бо воситаи забони хориҷӣ бо дарназардошти синну сол ва мансубияти иҷтимоии онҳо, инчунин фаъолияти ояндаи касбӣ;
- Принсипи худмуайянкунӣ ва худамаликунии қобилияти эҷодӣ, азхуд кардани таҷрибаи ҷамъиятӣ, худмуайянкунии шахсии озод;
- Принсипи тағйирпазирӣ дар таъмини имконияти иштирок дар чорабиниҳои гуногун дар асоси якпорчагии раванди таҳсилот ва ягонагии таъсири педагогӣ;
- Принсипи фардикунонӣ (бо дарназардошти қобилиятҳои инфиродии донишҷӯён, таваҷҷуҳ ба густариши робитаҳои иҷтимоии онҳо, ба роҳ мондани муносибатҳои иҷтимоӣ дар раванди таълим, фаъолияти муштараке, ки дар он ҳар як

тарафи мутақобила имконият ва ҳуқуқи амалӣ намудани майлу қобилиятҳои худро доранд);

- Принсипи муколама (муошири байнишахсӣ, эътимод, самимият, эҳтироми ҳамдигар);
- Принсипи дастгирии мутақобила (инкишофи қобилият барои бартараф кардани монеаҳои ҳаётӣ; фароҳам овардани шароите, ки донишҷӯёнро бо ҳадафу манфиатҳо, мушкилот барои дастгирии ҳамдигар ва амали созанда дар қабули қарорҳо дар ҳолатҳои душвори эҳтимолӣ ё воқеӣ муттаҳид мекунад). Фаъолияти омӯзгорон интихоби мундариҷаи таълим, ташхис, банақшагирӣ ва ташкили кори тарбияро дар бар мегирад.
- Принсипи истифодаи маводи маҳаллӣ (хусусиятҳои фарҳангии миллат, халқ, кишвар) дар фаъолияти нутқи забони хориҷӣ, ки ба ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии миллии ҷавонон нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, маводи маҳаллӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дониш ва фаҳмиши худро дар бораи олами атроф васеъ ва амиқтар кунанд ва малакаҳои истифодаи маводи фанниро барои гузаронидани тадқиқотҳои гуногун аз худ кунанд. Аз ин рӯ, принсипи асосии методии тарбияи ватандӯстии донишҷӯён бояд дарк намудани асолати миллӣ ва аслияти Ватани худ бошад. Вазифаи асосии омӯзгор аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён барои дарк кардани арзишҳои фарҳанги миллии худ, шиносоӣ бо таърихи кишвар, минтақа ва инчунин шаҳри худ кӯмак расонанд.

Ҳарчанд донишҷӯён аксар вақт ба таври содда фикр мекунанд ва баъзан дарк кардани падидаҳои мураккаби иҷтимоӣ барои онҳо душвор аст, эҳсосоти онҳо ҳамеша амиқ ва самимӣ аст ва ин заминаи эҳсосот барои ташаккул ва рушди худшиносии ватандӯстӣ заминаи мусоид мебошад. Маводи маҳаллӣ таълимгирандагонро барои муошират бо забони хориҷӣ ҳавасманд мекунад ва дар ҳамбастагӣ бо таҷрибаи шахсии донишҷӯён, имконият медиҳад, ки ҳангоми муҳокимаи вазъиятҳои таълимӣ аз далел ва ҷузъиётҳое, ки онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза, воқеияти объективии хусусиятҳои фарҳангидошта дучор меоянд, истифода кунанд. Аз ин рӯ, он бояд ҳамчун ҷузъи таълимӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ истифода шавад.

Инак, метавон гуфт, ки нақши омӯзгор дар тарбияи ватандӯстӣ бо истифода аз маводи маҳаллӣ дар дарси забони хориҷӣ бузург аст. Ӯ бояд ба робитаи маводи маҳал бо барнома диққати махсус диҳад. Масалан, ба ғайр аз мавзӯъҳои дар курсҳои 2 ва 3 омӯхташуда (ихтисоси “Забони англисӣ”), ки ба барномаи таълимии курси амалии забони англисӣ дохил шудаанд, мавзӯъҳои зерини хусусияти маҳаллидоштаро дохил кардан мумкин аст:

- Тоҷикистон аз нигоҳи сайёҳ;
- Душанбе (Хуҷанд);
- Расму оинҳои тоҷикон;
- Шахсиятҳои барҷастаи кишвар;
- Осорхонаҳо, намоишгоҳҳо ва галереяҳои санъати тасвирӣ;
- Санъат (Синамо; Театр; Мусиқӣ; Рассомӣ);
- Ватан ва ҷойҳои таърихии он;
- Муаммоҳои иҷтимоии шаҳри мо ва роҳҳои ҳалли онҳо;
- Шоирону нависандагони тоҷик ва осори онҳо;
- ВАО-и Тоҷикистон;
- Низоми маорифи Тоҷикистон ва ғ.

Аммо чунонки маълум аст, на ҳама мавзӯъҳое, ки аз рӯи барномаи таълимӣ пешакӣ муайян карда шудаанд, самтгирии кишваршиносии маҳалро доранд ва инчунин на ҳама вақт имконият ҳаст, ки мавзӯъҳои пешниҳодшуда ба барномаҳои корӣ дохил карда шаванд. Аз ин ҷо, ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои дар барнома тасдиқшуда маводи маҳаллиро зина ба зина ворид кардан мумкин аст; масалан, мавзӯи “London and its places of interest” дар якҷоягӣ бо маълумот дар бораи шаҳри Душанбе, “Sport” ҳамроҳ бо мавод оид ба варзиши миллии тоҷикӣ, мавзуи “Society” дар ҳамгироӣ бо мавод дар бораи ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон, шаҳру вилоятҳои он ва ғайра.

Дар асоси нуктаҳои дар зербоби сеюм зикршуда мо технологияи истифодаи маводи маҳаллиро бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсияти омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар заминаи таълими ба шахсият нигаронидашуда коркард намудем. Самтҳои асосии технологияи таҳияшуда инҳо буданд: таълими фалсафӣ ва ғоявии фарҳанги миллӣ, ташаккули фарҳанги ақлонӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, этнопедагогӣ.

Муқаррароти консептуалӣ, ки барои ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда ва ҳалли масъалаҳои муайяни тадқиқот замина гузоштанд, инчунин принсип ва самтҳои раванди тарбияи ватандӯстии донишҷӯён, ҳамчун асоси технологияи тарбияи ватандӯстии донишҷӯёнро бо истифода аз маводи маҳаллӣ дар шароити мукаммал бо забони хориҷӣ дар мактаби олии забоншиносӣ ташкил кардаанд ва ҷузъҳои он инҳоянд:

- ҳадаф (мақсад, вазифа, принсип, равиш ва қонуниятҳо);
- мундариҷа (фаъолият, марҳилаҳои кори омӯзгор);
- муоширати протсессуалӣ (шакл, усул, воситаҳо);
- арзёбии ташхисӣ (меъёр, нишондиҳанда ва сатҳу натиҷаҳо).

Технологияи таҳияшуда ба дидгоҳҳои дар диаграммаи зерин овардашуда асос ёфтааст.

**Диаграммаи №1. Дидгоҳҳои асосӣ барои коркарди технология**




Дар доираи технология амсилаи арзёбии сифати тарбияи ватандӯстӣ бо истифода аз маводи маҳаллӣ низ таҳия шуд, ки он аз ягонагии се ҷузъи асосӣ: қобилияти когнитивӣ, мавқеи арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолнокии иҷтимоии донишҷӯ иборат буда, дар маҷмӯъ сохтори мундариҷаи тарбияи ватандӯстиро дар шароити таълими забони хориҷӣ ташкил медиҳад.

**Диаграммаи №2. Ҷузъҳои асосии амсилаи баҳодиҳии сифати тарбияи ватандӯстӣ бо истифода аз маводи маҳаллӣ**




Дар боби дуюми рисола, ки «**Истифодаи амалии маводи маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсият**» ном дошта, аз се фасл иборат аст, раванди ворид намудани маводи маҳаллиро дар таълими омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсияти онҳо дар низоми омӯзиши забони хориҷӣ ва натиҷаҳои санҷиши озмоишии онро дар машғулиятҳои фанҳои тахассусӣ дар донишгоҳи забономӯзӣ тавсиф шудааст.

**2.1. Интихоби мундариҷаи таҳсилот, ки ба тарбияи ватандӯстии шахсияти донишҷӯён тавассути маводи маҳаллӣ бо забони хориҷӣ нигаронида шудааст**

Технологияи педагогии коркардшуда, ки ба такмили дидактикӣ ва бознигарии маводи таълим асос ёфтааст, дар асоси принсипҳои мавҷудияти низоми амиқи дидактикии донишҳо, муносибати муназзам ба дониш, таълим додани роҳҳои беҳтарини азхудкунии дониш ба донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ асос ёфт. Ҳангоми коркарди технология кӯшиш карда шуд, ки шахсият дар асоси худшиносии миллӣ ба ҳалли мушкилоти умумиҷаҳонӣ таъсир расонида тавонад. Муқаррароти ибтидоии технология ташаккул додани сифатҳои зерин дар донишҷӯён буданд, ки сатҳи ташаккули ҳисси ватандӯстии онҳоро нишон медиҳад:

- муҳаббати онҳо ба зодгоҳ (деҳа, шаҳр, ноҳия ва ғ.) ва тамоми мамлакат;
- ҳисси ифтихор аз кишвари худ;
- эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ;
- омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои конститутсионӣ;
- таҳаммулпазирии иҷтимоӣ, аз ҷумла динӣ ва миллӣ, эҳтиром ба халқиятҳои дигар, урфу одат ва фарҳанги онҳо; рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим;

- ҳисси мансубияти шахсӣ ба тақдири кишвар ва мардуми он;
- дарки масъулияти ҳуқуқӣ ва маънавӣ назди ҷомеа ва давлат барои худшиносӣ, худинкишофдиҳӣ, худтакмилдиҳӣ;
- сифатҳои донишҷӯён, ки дар фаъолияти зеҳнӣ, эҳсосотӣ ва амалии онҳо ҳамчун узви ҷомеа ва давлат зоҳир мегардад;
- омодагӣ барои амалкунӣ ба манфиати кишвар, миллат;
-амалиёти донишҷӯён, ки бо масъулияти комил барои амал ва интихоби қарорҳои худ ба мустаҳкам намудани давлат нигаронида шудааст.

Дар раванди таҳияи технологияи истифодаи маводи маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсият чунин шароити педагогӣ ба нақша гирифта шуд:

- ворид кардани донишҷӯён ба амалиёти гуногуни фаъол ва созанда (таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ, шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ, ислоҳӣ-инкишофдиҳанда ва ғ.), таъмини раванди ҳамкории субъектҳои раванди тарбия;
- вусъати иқтидори аксиологии фанни «Курси амалии забони англисӣ»;
- таҳияи ва истифодаи технология бо ворид намудани маводи маҳаллӣ ба мундариҷаи таълим;
- марҳала ба марҳала иҷро намудани супоришҳо оид ба таҳияи маводи мазмунаш ватандӯстона бо истифода аз маводи маҳаллӣ;
- татбиқи сифатҳои муҳими касбии мутахассисони оянда;
- ҷалб кардани донишҷӯён ба чорабиниҳои гуногуни беруназсинфӣ ва барномаҳои иҷтимоӣ.

Корҳои озмоишӣ дар пойгоҳи факултети забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» солҳои таҳсили 2020-2021 ва 2021-2022 баргузор шуданд.

Донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ аз рӯи технологияи коркардшуда таҳсил кардаанд. Машғулияти аудиторӣ дар гурӯҳи озмоишӣ бо дарназардошти ҷанбаи фарҳангсозгор тарҳрезӣ шуда, на танҳо аз рӯи китоби дарсии амалкунанда, балки асосан тавассути матну маводи аёнӣ (диаграмма, ҷадвал, слайдҳо, тасвиру атласҳо, харитаҳои ба дарс мувофиқ) ба роҳ монда шуданд, ки дарки маводро осон мекунанд. Дар машқу супоришҳое, ки ҳангоми кори дохилиаудиторӣ иҷро шудаанд, воҳидҳои дахлдори луғавӣ, ки хусусиятҳои хоси миллиро инъикос мекунанд, корбаст шуданд. Аммо мундариҷаи таълими забони англисӣ дар гурӯҳи назоратӣ танҳо он маводеро дар бар гирифт, ки мувофиқи барномаи кории барои курси амалии забони англисӣ тасдиқшуда пешбинӣ шудаанд.

Ҷараёни интихоби мавод барои омӯзиш дар ГО аз марҳилаҳои зерин иборат буд: муайян кардани мавзӯъот ва арзишҳои асосӣ, ҷустуҷӯи маводи мувофиқ, санҷиши эътимоднокӣ ва сифат, мутобиқшавӣ ба сатҳи донишҷӯён, гуногунрангӣ ва ҳамфаъолнокӣ, фикру мулоҳиза ва арзёбии самаранокии фаъолият, риояи хусусиятҳои фарҳангӣ ва забонӣ.

Мувофиқи технологияи пешниҳошуда дар ГО шаклҳои гуногуни дарсҳо (дарсҳои амалӣ, дарсҳои лоиҳавӣ, конференсияҳо, машғулиятҳои ҳамгиро, дарсҳои омехта, машғулиятҳои онлайнӣ ва ғ.) ба нақша гирифта шуданд.

Ба ғайр аз усулҳои анъанавӣ дар машғулиятҳои ГО навъҳои зерини усулҳои таълим истифода шуданд:

1. Усули ҳамфаъол – муколама ва ҳамкорӣ дар шакли донишҷӯ – омӯзгор, донишҷӯ – донишҷӯ.

2. «Ҳуҷуми зеҳнӣ», ки дидгоҳи зеҳниро талаб мекунад (ҳалли масъала ба фарзияҳои шахсии донишҷӯён асос ёфтааст).

3. «Технологияи Бумеранг», ки истифодаи тафаккури интиқодии донишҷӯёнро ҳангоми таҳлили адабиёти барои хониши хонагӣ таъйиншуда дар бар мегирад. Нишондиҳандаи тафаккури интиқодӣ ворид кардани таҷрибаи шахсии донишҷӯ ҳангоми таҳлили муаммо, мавҷудияти озодии худифодакунӣ, инчунин баҳои мушаххас ба чизи мутолиакардашуда мебошад.

4. «Методи тадқиқи эҷодӣ» ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки муаммо ва вазифаҳоеро ҳал кунанд, ки ба ҷустуҷӯи фаъол ангезиш медиҳанд;

5. Аз рӯи «Методи эвристӣ» - донишҷӯён тадриҷан ба ҳалли масъала наздик шуда, ба ҳамгурӯҳони худ таълим медиҳанд ва ҳалли масъаларо аз нуқтаи назари илмӣ асоснок мекунанд;

6. Методи намуна (Кейс-метод) ба рушди қобилияти эҷодии донишҷӯён нигаронида шудааст.

Маҷмӯи вазифаҳое, ки дар асоси маълумоти маводи маҳаллӣ таҳия шудаанд, машқҳои фаъоли нутқ мебошанд, ки фаъолияти забони хориҷиро таҳрик дода, нутқро ба муоширати табиӣ наздик месозанд, салоҳияти муоширатиро инкишоф медиҳанд ва шавқмандиро ба мавзӯъ ангезиш медиҳанд. Ҳангоми ташкили мундариҷаи таълим кӯшиш карда шуд, ки дар рафти иҷрои супоришу машқҳо донишҷӯ ин ё он хатти рафтори худро дар вазъияти хаёлӣ тарҳрезӣ карда, фикр ва таҳлил кунад, нуқтаи назари худро баён намояд, инчунин қобилияти забонии худро нишон диҳад.

Дар марҳалаи муқарракунандаи озмоиш барои муайян кардани он, ки кадом мавзӯъҳо, ҳикоя ё порча барои мутолиа аз китобҳои дарсӣ оид ба амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ ҷолибтарин ба назар мерасид, байни донишҷӯёни курси 2-юм пурсиш гузаронида шуд. Дар пурсишнома ба донишҷӯён пешниҳод гардид, ки на танҳо ҳикоя ё порчаи маъқулшударо номбар кунанд, балки бигӯянд, ки чаро мавзӯъ ҷолиб буд ва фикрашонро оид ба он баён кунанд. Таҳлили натиҷаҳои пурсишро анҷом дода, мо огоҳ шудем, ки тақрибан 90% донишҷӯён омӯхтани маводеро афзал медонанд, ки ба масъалаҳои ҷиддию мубраме бахшида шудаанд, ки ба хусусиятҳои фарҳанги миллӣ вобастаанд; ҳикояҳоеро ҷолиб мешуморанд, ки онҳоро ба андеша водор карда, имкон медиҳанд, ки дар заминаи кирдорҳои қаҳрамонҳо ё рӯйдодҳо принсипҳои ҳаётан муҳимро муайян намоянд. Мавзӯъҳое, ки нутқи донишҷӯёнро бештар ангезиш медиҳанд, инҳо номбар шуданд: “The Places of interest in Tajikistan” (Ҷойҳои ҷолиби Тоҷикистон), “Character traits of the Tajik and British people” (Хислатҳои хоси мардуми Тоҷикистон ва Британия), “The National heroes of Britain and Tajikistan” (Қаҳрамонони миллии Британия ва Тоҷикистон). Масалан, дар баёнияҳои худ донишҷӯён дар бораи қаҳрамонони тоҷик сухан карда, ба ҷасорати онҳо, яъне муборизони шуҷои роҳи озодӣ, истиқлолият, ҳуқуқи тоҷикон баҳои баланд дода, боварӣ ҳосил менамоянд, ки фаъолияти ҳаётии онҳо шоёни тақлид аст.

Дар вақти коркарди технология ба он аҳамият дода шуд, ки муҳимтарин шарти муваффақияти тарбияи ватандӯстӣ гузаронидани машғулиятҳои беруназаудиторӣ мебошад, ки дар рафти онҳо масъалаҳои фарҳанги миллӣ, иқтисодиёт, ҷуғрофия, илм, санъат, адабиёт, сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, муваффақияту дастовардҳои кишвар ва ғ. баррасӣ мешаванд.

Натиҷаҳои самаранокии технология дар асоси амсилаи пешниҳодшудаи сохторию мундариҷавӣ баҳо дода шуданд, ки он қобилияти когнитивӣ, ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ, инчунин фаъолияти иҷтимоии донишҷӯёнро дар бар мегирад.

Баррасии масъалаи интихоби мундариҷаи таълими забони хориҷиро, ки ба тарбияи ватандӯстии донишҷӯён тавассути маводи маҳаллӣ нигаронида шудааст, ҷамъбаст намуда, қайд мекунем, ки раванди тарбияи ватандӯстии шахсият раванди махсусе нест, ки алоҳида ва новобаста аз ҷараёни таълим сурат гирад. Тарбия, ташаккули шахсияти таълимгирандагон, ташаккули ҷаҳонбинии онҳо бевосита дар ҳамгироии таълиму тарбия сурат мегирад. Мундариҷаи таълими бо ҷанбаи маҳаллӣ алоқаманд ба омӯзгор имконияти васеи тарбиявиро фароҳам меорад, ки бояд дар раванди таълими забони хориҷӣ амалӣ гарданд.

**2.2. Ташкили мундариҷаи таҳсилот дар асоси маводи маҳаллӣ бо забони хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии донишҷӯён**

Мундариҷаи интихобшудаи таълиму тарбия барои гузаронидани дарсҳои аудиторӣ аз фанни амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ ва ташкили корҳои берунаудиторӣ технологияи муташаккилро ташкил дод, ки дар давоми ду сол дар раванди таълими курсҳои 2 ва 3-юми донишгоҳи забономӯзӣ ҷорӣ карда шуд.

*Кори аудиторӣ.*

Дар раванди кори аудиторӣ машқу супоришоти дар доираи технология таҳияшуда истифода бурда шуд. Намунаҳои супоришот ва машқҳои интихобшуда дар фасли 2.1-и рисола, инчунин дар замимаҳои он оварда шудаанд, ки роҳҳои ҷорӣ намудани маводи луғавӣ ва грамматикиро мувофиқи барномаи корӣ аз фанни амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ дар курсҳои 2 ва 3-юм, дар машғулиятҳои аудитории гурӯҳи озмоишӣ пешбинӣ мекунанд. Бояд гуфт, ки ба ғайр аз онҳо дар раванди ҷорӣ намудани технология ба дастури таълимии «The Land of paradise» [3] («Сарзамини биҳиштосо») низ такя карда шуд, ки дар он мавод дар бораи хусусиятҳои миллии тоҷикон, маданият, санъат, адабиёт, таърих, ҷуғрофия, расму оин, анъана ва ғ. дода шудааст. Муваффақияти ин дастур бо дидгоҳи тафриқавӣ алоқаманд аст, ки истифодаи матнҳоро барои рушди тамоми рукнҳои фаъолияти нутқ (хондан, тафаҳҳум, гуфтор, навиштан), амалигардонии ҳамаи шаклҳои кор (шифоҳӣ ва хаттӣ, хонагӣ ва дохилиаудиторӣ, фронталӣ ва инфиродӣ, гурӯҳӣ, дуҷониба), омӯзиш тариқи бозӣ, мубоҳиса бо назардошти сатҳи омодагии донишҷӯён пешбинӣ менамояд. Баъзе қисматҳои ин дастур дар навъҳои гуногуни машғулиятҳои берунаудиторӣ низ истифода шудаанд.

*Кори берунаудиторӣ:* Ташкили маҳфили «Шинохтани Тоҷикистон тавассути забони англисӣ»; Ташкили маҳфили «Зодгоҳи ман»; Клуби «Муколамаи Шарқу Ғарб»; Клуби донишмандон; Шабнишиниҳо; Викторинаҳо; Озмунҳо; Ҳафтаи забони англисӣ; Мизи мудаввари «Сарзамини биҳиштосо»; Гузаронидани шанбегиҳо; Иштирок дар чорабиниҳое, ки бо ташаббуси факултет, роҳбарияти донишгоҳ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд, вилояти Суғд, инчунин Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баргузор мегарданд; Тамошои намоишҳои театрӣ ва муҳокимаи онҳо ба забони англисӣ.

**2.3. Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавии самаранокии технология**

Барои баҳодиҳии самаранокии технология низоми баҳодиҳии тарбияи ватандӯстии донишҷӯён таҳия карда шуд. Низоми баҳодиҳӣ аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳо дар асоси амсилаи таҳияшудаи баҳодиҳии сифати тарбияи ватандӯстии донишҷӯён омода карда шуд.

Нишондиҳандаҳои меъёри *когнитивӣ* инҳо буданд:

Н.1 – донистани забон, таърих, хусусиятҳои фарҳангии (анъанаҳо, урфу одатҳо) тоҷикон, ҷуғрофияи мамлакат, ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ; дарки моҳияти ватандӯстӣ;

Н.2 – дарки масъулияти шахсии шаҳрвандӣ ва зарурати ҳифзи манфиатҳои давлат; дарки зарурати таҳаммулпазирии иҷтимоӣ нисбат ба намояндагони дигар фарҳангҳо ва халқҳои ғайр, ки дар қаламрави Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд.

Нишондиҳандаҳои меъёри *арзишию ангезавӣ*:

Н.3 – муҳаббат ба Ватан, эҳсоси масъулият барои тақдири Ватан;

Н.4 – хоҳиши хизмат кардан ба манфиатҳои мамлакат ва ҳифзи он; эҳтироми шахсӣ ба ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, омодагӣ ба риояи қонунҳо ва қоидаҳои аз ҷониби давлат танзимшаванда.

Нишондиҳандаҳои меъёри *фаъолнокии иҷтимоӣ*:

Н.5 – фаъолияти фаъолона ва ташаббускоронаи шаҳрвандӣ; қобилияти ҳалли масъалаҳое, ки ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ дахл доранд, масъулияти амал кардан дар ин самт;

Н.6 – фаъолияти иҷтимоӣ, башардӯстона ва барои ҷомеа фоидаовар; ба воситаҳои мутамаддин ҳал карда тавонистани ихтилофу мушкилот, маҳорати дар доираи қонун амал кардан.

Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки дар марҳилаи ниҳоии кор бештар ҳисси ватандӯстиро донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ, ки дар раванди таълиму тарбияи онҳо технологияи таҳияшуда истифода бурда шуд, нишон додаанд, зеро онҳо бештар садоқатмандӣ, майлу хоҳиши ҳифзи манфиатҳои Ватанро баён кардаанд. Аз сабаби он ки интихоб тасодуфӣ ва мустақил буд, усули санҷиши омории фарзияи тадқиқот аз рӯи меъёрҳои х2 - Пирсон истифода мешуд, ки бо воситаи он мутобиқати арзишҳои оморӣ ба басомадҳои пешбинишуда муайян карда шавад.

Ташхис бо истифода аз саволномаи таҳияшуда, ки аз 20 савол дар ҳар 3 блок иборат буд, гузаронида шуд. Саволҳои блоки якум ба мавқеи фаъоли ҳаётии донишҷӯён дахл доштанд; блоки дуюм аз саволҳо оид ба муносибати арзишманд ба Ватан иборат буд; блоки сеюм саволҳоеро дар бар мегирифт, ки ба маданияти шаҳрвандии донишҷӯён вобастагӣ доранд.

Саволҳо ҳамчун нишондодҳои эмпирикӣ хизмат намуданд, ки аз рӯи онҳо ба сатҳи тарбияи ватандӯстии донишҷӯён баҳо додан мумкин буд. Ин системаи баҳодиҳӣ пеш аз ҷорӣ намудани технологияи мураккаб, инчунин дар марҳалаи охирини санҷиши дурустии фарзияи таҳқиқот истифода мешуд.

Ҳангоми татбиқи технология дидгоҳи фаъолиятӣ-арзишӣ истифода шуд, ки тарбияи рафтори ҷавононро дар асоси мавқеи бошууронаи шаҳрвандӣ ва арзишҳои миллӣ тавассути маводи маҳаллӣ бо забони хориҷӣ пешбинӣ мекард. Чунин таълим муносибатҳои арзишмандро ба навъҳои гуногуни фаъолиятҳои аудиторӣ ва беруназаудиторӣ, бо назардошти дастгирии арзишҳои миллӣ дар вазъияти гуногун инкишоф медиҳад, вақте ки донишҷӯён онҳоро дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ дар амалия истифода мебаранд.

Технологияи тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дар раванди томи таълими забони хориҷӣ дар давоми ду соли таҳсил дар чор семестри таълимӣ амалӣ гардид, ки барои санҷиши он зарур буданд. Дар ин давра мушоҳидаи динамикаи нишондодҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ гузаронида шуд.

Мувофиқи нақшаи таълим омӯзиши фанни «Курси амалии забони англисӣ» дар ҳаҷми 4 кредит дар ҳар як семестр пешбинӣ шуда, дар маҷмӯъ таълим дар 4 семестр ба ҳаҷми умумии 16 кредит (курси 2 – 8 кредит = 128 соат ва курси 3 – 8 кредит, мутаносибан 128 соат) амалӣ гардид. Дар маҷмӯъ, озмоиш зиёда аз 256 соати академиро фаро гирифт.

Ташхиси ибтидоии пеш аз озмоиш, ки бо истифода аз анкета ва пурсишҳо, инчунин мушоҳидаҳо дар марҳалаи муқарраркунанда гузаронида шудааст, нишон дод, ки дар умум сатҳи тарбияи ватандӯстии аксари донишҷӯён паст ё миёна мебошад.

Барои санҷидани эътимоднокии натиҷаҳо ва ҳисоб кардани ифодаи мушоҳидашудаи меъёр формулаи зерин истифода бурда шуд: $\chi^2 = \sum_{i=1}^{k} \frac{(n_i - n_i')^2}{n_i'}$ (1)

**Ҷадвали №1. Сатҳи тарбияи ватандустии донишҷӯён (то ҷорӣ намудани технология)**

| Меъёрҳо | Нишондод | Гурӯҳи назоратӣ (32 донишҷӯ = 100%) | | | Гурӯҳи озмоишӣ (32 донишҷӯ = 100%) | | | $\chi^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Сатҳи паст | Сатҳи миёна | Сатҳи баланд | Сатҳи паст | Сатҳи миёна | Сатҳи баланд | |
| Қобилияти когнитивӣ | Н.1 | 14 | 12 | 6 | 11 | 15 | 6 | 1.39 |
| | Н.2 | 9 | 18 | 5 | 10 | 14 | 8 | 2.80 |
| Мавқеи арзишӣ-ангезавӣ | Н.3 | 13 | 16 | 3 | 14 | 13 | 5 | 1,97 |
| | Н.4 | 19 | 11 | 2 | 20 | 10 | 2 | 0,14 |
| Фаъолияти ҷамъиятӣ | Н.5 | 11 | 17 | 4 | 11 | 17 | 4 | 0,00 |
| | Н.6 | 10 | 18 | 4 | 12 | 16 | 4 | 0,62 |

Ҳангоми муқоисаи вазъияти ибтидоии тарбияи ватандӯстии субъектҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар давраи пеш аз озмоиш тафовути назаррас ошкор нагардид. Чунонки аз ҷадвали боло дида мешавад, сатҳи тарбияи ватандӯстии иштирокчиёни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар ибтидои озмоиш қариб як хел буд. Дар ҳама ҳолатҳо ифодаҳои ҳисобшудаи $\chi^2$ аз ифодаи танқидӣ камтаранд, яъне $\chi^2_{\text{мушоҳ.}} < \chi^2_{\text{танқ.}}$, ки фарзияи сифрро тасдиқ мекунад, яъне байни гурӯҳҳо тафовут нест.

Дар ҷадвали зерин натиҷаҳои баҳодиҳии муқоисавии сатҳи тарбияи ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳи забономӯзӣ дар марҳалаи интиҳоии кори озмоишӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали №2. Сатҳи тарбияи ватандӯстии донишҷӯён (баъди ҷорӣ намудани технология)**

| Меъёрҳо | Нишондод | Гурӯҳи назоратӣ (32 донишҷӯ = 100%) | | | Гурӯҳи озмоишӣ (32 донишҷӯ = 100%) | | | $\chi^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Сатҳи паст | Сатҳи миёна | Сатҳи баланд | Сатҳи паст | Сатҳи миёна | Сатҳи баланд | |
| Қобилияти когнитивӣ | Н.1 | 10 | 14 | 8 | 4 | 15 | 13 | 6.80 |
| | Н.2 | 11 | 16 | 5 | 5 | 17 | 10 | 8.34 |
| Мавқеи арзишӣ-ангезавӣ | Н.3 | 13 | 15 | 4 | 7 | 16 | 9 | 9.09 |
| | Н.4 | 10 | 18 | 4 | 6 | 15 | 11 | 14.35 |
| Фаъолияти ҷамъиятӣ | Н.5 | 8 | 17 | 7 | 4 | 15 | 13 | 7.38 |
| | Н.6 | 8 | 18 | 6 | 7 | 13 | 12 | 7.51 |

Дар диаграммаҳои зерин нишондиҳандаҳои муқоисавӣ оид ба ташаккули сатҳи баланди тарбияи ватандӯстӣ дар байни донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ дар марҳилаҳои пеш ва баъд аз гузаронидани таҷриба оварда шудаанд.

**Диаграммаи №3. Натиҷаҳои муқоисавӣ оид ба ташаккули сатҳи баланди тарбияи ватандӯстӣ дар байни донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ дар марҳилаи пеш аз озмоишӣ**



**Диаграммаи №4. Натиҷаҳои муқоисавӣ оид ба ташаккули сатҳи баланди тарбияи ватандӯстӣ дар байни донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ дар марҳилаи баъд аз озмоишӣ**




Тадқиқот нишон дод, ки технологияе, ки ба фаъолияти муназзами омӯзгори донишгоҳ бо истифода аз маводи маҳаллӣ дар муҳити забони хориҷӣ асос ёфта, ба ташаккул ва такмили низоми дидгоҳҳо, муносибатҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумифарҳангии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ нигаронида шудааст, метавонад ба таври умумӣ тарбияи ватандӯстиро, ки тамаркузи шахсро ба инсонпарварӣ, соҳибӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ инъикос менамояд, инкишоф диҳад.

Ҳамин тариқ, ташкили низоми тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дар асоси маводи маҳаллӣ дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ таъмини шароити зеринро дар бар мегирад:

- дар муассисаҳои таълимӣ фароҳам овардани муҳити ватандӯстию тарбиявӣ, ки ягонагии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва донишгоҳро таъмин менамояд;
- муносибати инфиродӣ ба тарбияи донишҷӯён тавассути забони хориҷӣ, ки бо дарназардошти на танҳо синну сол ва мансубияти иҷтимоӣ, балки фаъолияти ояндаи касбии онҳо амалӣ мегардад;
- истифодабарии маводи маҳаллӣ дар фаъолияти нутқӣ ҳангоми машғулиятҳои аудиторӣ ва чорабиниҳои беруназаудиторӣ, ки на танҳо ба ташаккул ва инкишофи салоҳияти касбӣ, балки ҷаҳонбинии миллии ҷавонон нигаронида шудааст;
- татбиқи муносибати фаъолиятнокӣ дар таълиму тарбия дар асоси омӯзиши расму оин, анъана ва фарҳанги миллии тоҷик;
- фаъолияти муштараки ҳамаҷониба ва мақсадноки ҷамъияти ҷавонон / донишҷӯён бо кафедра, деканат ва ректорат;
- таъмини ҷалби фаъолонаи донишҷӯён ба ҳаракатҳои ҷамъиятии ватандустӣ ва дастгирӣ намудани ташаббуси онҳо дар ин самт.

Кори озмоишии дар доираи тадқиқот гузаронидашуда исбот кард, ки ба самаранокии ташкили раванди тарбияи ватандӯстӣ бо истифода аз маводи маҳаллӣ дар шароити таълими забонии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ шартҳои зерин таъсир мерасонанд:

- муайян намудани стратегияи ба шахс нигаронидашудаи таъсиррасонӣ ба субъектҳои таҳсилот бо мақсади ҳавасмандгардонии дарк ва қабули ҷузъи ватандӯстӣ ҳамчун арзиши асосии умумибашарӣ;
- эҷоди эҳсосоти мусбӣ, ки дар онҳо зуҳуроти муассири ватандӯстӣ ба вуҷуд меояд;

-ташкили раванди пайгиронаи пайвастани арзишҳои ватандӯстӣ ба шахсияти инсон;

-ба омӯзгорони оянда омӯзонидани роҳу усулҳои пешгӯӣ, рушди худшиносӣ, эҷоди ҳавасмандӣ, ташаккул додани омодагӣ ба иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ҳамчун вазифаи конститутсионии шаҳрванди кишвар;

- маҷмӯи корҳои дахлдори дохилиаудиторӣ ва беруназаудиторӣ;

-таҳияи маводи забонӣ дар асоси маводи маҳаллӣ ва татбиқи он дар амалияи таълими забони хориҷӣ;

- мутолиаи адабиёти ҷамъиятию сиёсӣ ва бадеӣ, ки луғати ҷанбаи фарҳангӣ ва инъикоскунандаи хусусиятҳои фарҳанги миллиро доро мебошанд;

- сӯхбатҳо дар бораи қаҳрамонони халқи тоҷик ва мардонагии онҳо, дар бораи мубориэони диловари роҳи озодиву истиқлолияти халқи худ ва ҳуқуқҳои тоҷикон;

- боздид аз осорхонаҳо, ташкили маҳфилҳо, клубҳо, экскурсияҳо, шабҳои мавзӯӣ, ҳафтаҳои забони англисӣ, викторинаҳо, мубоҳисаҳо, озмуну флешмобҳо ва ғайра.

# ХУЛОСАҲО

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишии доиркардашуда ба амалӣ гардидани ҳадафи асосии рисола мусоидат намуда, фарзияи рисоларо дар бораи самаранокии технологияи истифодабарии маводҳои маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсият асоснок намуд.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии гузаронидаи мо дар умум, фарзияи ибтидоиро собит сохт ва ба баровардани хулосаҳои зерин имкон дод:

1. Дар замони муосири Тоҷикистон, тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун унсури муҳимтарини таъмини рушди устувори сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти миллӣ дониста мешавад. Имрӯз аҳамияти кори идеологии омӯзгор бениҳоят муҳим аст – ӯ бояд масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангиро хуб дарк намуда, ҳалли вазифаҳои амалӣ ва тарбиявиро ба ҳам пайванд дода, ба таълимгирандагон дар расидан ба камолоти шаҳрвандӣ, гардидан ба интиқолдиҳандагони фаъолони арзишҳои ахлоқӣ, яъне барои ватандӯст шудан, кӯмак расонад.

2. Фанҳои гуманитарӣ дар ташаккул ва тарбияи ҷаҳонбинии гуманистии таълимгирандагон дорои имкониятҳои васеъ мебошанд. Ҳар мавзӯе, ки дар доираи барномаи таълимӣ омӯхта мешавад, барои ташвиқи муҳаббат ба Ватан ва эҳсоси ахлоқи баланд имкониятҳои номаҳдуд доранд.

3. Шиносоӣ бо хусусиятҳои фарҳангии кишвари худ ва кишварҳои забони омӯхташаванда, низоми иҷтимоӣ, адабиёт, тарзи зиндагии шаҳрвандон ва дигар ҷанбаҳои онҳо барои фаҳмиши амиқи қонуниятҳои рушди ҷомеа ва пешрафти табиӣ дар шароити тағйирёбии геополитикӣ маводи фаровон фароҳам меорад. Инчунин, он ҳисси ифтихор аз Ватанро ташаккул дода, ҳисси ватандӯстро тақвият мебахшад ва барои ҳифзи ҳувияти миллӣ ангеза медиҳад.

4. Яке аз ҳадафҳои асосии муассисаҳои олии таълимӣ ин ташаккули шаҳрвандест, ки ӯҳдадориҳои худро нисбат ба ҷомеа дарк мекунад, барои мубориза баҳри идеалҳои демократия ва шарикии иҷтимоӣ омода мебошад, ҳам озодиҳои миллӣ ва ҳам шахсиро эҳтиром намуда, қонунҳои давлатро риоя мекунад ва ба некӯаҳволии ҷомеа ва рушди шахсият саҳми назаррас мегузорад.

5. Ватандӯстӣ ҳамчун хислати инсонӣ фаҳмида мешавад, ки инсонро барои қурбонӣ кардани манфиатҳои шахсӣ ба хотири муҳаббат, садоқат ва вобастагӣ ба Ватан водор мекунад, инсонро илҳом мебахшад, то бидуни тамаъ барои беҳбудӣ ва шукуфоии он амал кунад. Инчунин, ватандӯстӣ маҷмӯи эҳсосоти гуногунро дар бар

мегирад, ки ба Ватан марбутанд, аз ҷумла ҷанбаҳои фарҳангӣ, этникӣ, таърихӣ ва сиёсиро[1-М; 4-М].

6. Тарбияи ватандӯстӣ раванди махсуси тарбиявии ҳамгирошуда мебошад, ки ҳифз ва рушди арзишҳои ахлоқӣ, демократӣ, иҷтимоӣ ва ҳувияти миллиро низ дар бар мегирад.

7. Барои расидан ба ҳадафҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, дар ҷараёни кор асарҳои олимон дар бораи принсипҳои тарбияи ватандӯстӣ таҳқиқ ва ҷамъбаст шуданд, инчунин бо дарназардошти истифодаи маводи кишваршиносӣ онҳо пурра карда шуданд.

8. Технологияи таҳияшудаи истифодаи маводи кишваршиносӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ, ки аз ҷузъҳои ҳадафӣ, мазмунӣ, раванди муошират ва арзёбӣ-ташхисӣ иборатанд, дар асоси равишҳои низомӣ, шахсиятӣ, арзишшиносӣ, этнопедагогӣ ва фаъолиятнокӣ таҳия шудааст.

9. Дар кори илмӣ меъёр ва нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули ватандӯстии шахсияти донишҷӯи факултети забонӣ муайян карда шуданд. Дар асоси ин меъёрҳо модели сифати тарбияи ватандӯстӣ бо истифода аз маводи кишваршиносӣ таҳия гардид, ки якпорчагии се ҷузъи асосиро дар бар мегирад: қобилиятҳои маърифатӣ, мавқеи арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятҳои иҷтимоии донишҷӯён, ки дар маҷмӯъ сохтори таркибии мазмуни тарбияи ватандӯстиро дар шароити омӯзиши забони хориҷӣ ташкил медиҳад.

10. Интихоби маводи луғавӣ-грамматикӣ ва ташкили мазмуни таълим бо дарназардошти контексти кишваршиносӣ барои ташаккули сифатҳое, ки ватандӯстии донишҷӯёнро нишон медиҳанд, равона карда шуд. Шароити педагогие, ки озмоиш дар онҳо гузаронида шуд, дар ташвиқи донишҷӯён барои иҷрои бошууронаи ҳамаи намудҳои кор нақши муҳим бозид [6-М].

Чунонки таҳқиқот нишон дод, технологияе, ки ба фаъолияти мунтазами омӯзгори забонҳои хориҷӣ ворид намудани маводи маҳаллӣ дар муҳити таълим асос ёфтааст, ба ташаккул ва такмили низоми ақидаҳо, самтгириҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумифарҳангии омӯзгорони ояндаи хориҷӣ нигаронида шудааст, метавонанд дар маҷмӯъ тарбияи ватандӯстиро инкишоф диҳанд, ки самтгирии шахсро ба инсонпарварӣ, фарогирӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқиро инъикос менамояд. Ҷорӣ намудани технологияе, ки дар рафти таҳқиқот коркард шуд, собит намуд, ки истифодаи маводи маҳаллӣ воқеан барои ташкили иҷрои супоришҳои эҷодӣ, истифодаи унсурҳои гуногуни корҳои ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқотӣ дар таълими забони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меорад ва барои худомӯзии донишҷӯён имконият фароҳам оварда, дар онҳо шавқу рағбати амиқро ба таърихи халқу Ватан, зодгоҳи худ бедор мекунад, ки дар маҷмӯъ, ба тарбияи ватандӯстӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, дар асоси натиҷаҳои тадқиқот хулоса карда мешавад, ки дар шароити таҳаввулоти геополитикии муосир, даъвату таҳдидҳо, инчунин дар роҳи муқовимат ба ифротгароӣ ва терроризм таъсиси низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандони кишвар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддатро тақозо мекунад ва маводи маҳаллӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ метавонад дар ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстии ҷавонон мусоидат намояд.

### 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот:

1. Фаъолияти муназзами касбии омӯзгори забони хориҷӣ фароҳам овардани муҳити муносиби забониро барои муошırати байнишахсии донишҷӯён, васеъ истифода бурдани маводи маҳаллӣ ба забонҳои хориҷӣ, инчунин ташаккули шароити педагогии истифодаи онро бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсияти донишҷӯён тақозо

менамояд, ки такмили низоми ақидаҳо ва самтгириҳои ахлоқӣ, арзишҳои бунёдии инсонӣ ва умумифарҳангӣ, рушди тафаккури миллии таълимгирандагон, ҳифзи анъанаҳои фарҳангӣ ва риояи меъёрҳои рафторро дар бар мегирад.

2. Тарбияи ватандӯстии шахсияти донишҷӯён зарурати табдил додани таълимгирандаро аз қабулкунандаи ғайрифаъол ба субъекти фаъоли раванди таълим тақозо мекунад, бинобар ин, дар марҳалаи омодагӣ дар донишгоҳ донишҷӯ бояд амалҳои муайян, кирдорҳои хусусияташон ватандӯстонаро иҷро намояд, ки дар асоси вазъияти бо маводи маҳаллӣ вуҷуд оварда мешаванд ва фаъолияти ҳамаҷонибаи муҳассилинро ангезиш медиҳанд [11-М].

3. Зимни интихоби маводи луғавию грамматикӣ ба луғате таваҷҷуҳ бояд дод, ки сатҳи таҳсилоти умумии таълимгирандагонро васеъ мегардонад, онҳоро бо қонуният ва сохтори забон шинос менамояд, ба онҳо имконият диҳад, ки хусусияти сохтории забони модарии худ, мураккабӣ ва гуногунмаъноии калимаҳоро беҳтар дарк намоянд, ки барои амиқтар шинохтани фарҳанги худ, ҳамчунин хондани матнҳо, таҳияи квизҳо, иҷрои машқҳо бо ҷузъи маҳал мусоидат мекунанд. Бинобар ин, мундариҷаи таълим бояд мавзӯъҳоеро дар бар гиранд, ки масъалаҳои ҷиддию мубрами бо хусусиятҳои фарҳангии ватан алоқаманд, сужетҳои шавқовар, ба андеша водоркунандаро фаро гирифта, имконият медиҳанд, зеро дар асоси амали қаҳрамонҳо тарбияи ватандӯстии донишҷӯён инкишоф дода мешавад.

4. Барои ташаккул додани шахсияти ватандӯсти донишҷӯён онҳоро ба навъҳои фаъолияти гуногуни фаъолона ва эҷодкорона (тадқиқотӣ, лоиҳакашӣ, шаҳрвандӣ – ватандӯстӣ, ислоҳӣ – инкишофдиҳанда ва ғ.), ба корҳои гуногуни аудиторӣ ва беруназаудиторӣ, инчунин барномаҳои иҷтимоӣ ҷалб бояд кард, ки ҳамкории субъектҳои раванди таълимро таъмин мекунанд.

5. Раванди таълими забони хориҷӣ бояд пеш аз ҳама, дар асоси маводи матнҳои махсус интихобшуда ва воситаҳои аёнӣ (нақшаҳо, ҷадвалҳо, слайдҳо, тасвирҳо, атласҳо, харитаҳо, маълумотномаҳо, видеороликҳо, маводи аудиоӣ ва ғайра, ки дорои ҷузъи кишваршиносӣ  мебошанд) тарҳрезӣ шавад.

6. Маводи маҳаллиро ҳангоми гузаронидани шаклҳои гуногуни анъанавӣ ва инноватсионии машғулиятҳо (дарсҳои амалӣ; дарсҳои лоиҳавӣ; дарс-конференсия; машғулиятҳои ҳамгирошуда; дарсҳои омехта; дарсҳои онлайнӣ) истифода метавон кард [9-М].

7. Дар раванди кори аудиторӣ усулҳои зеринро истифода метавон кард: методи ҳамфаъол, ҳуҷуми зеҳнӣ, технологияи “Бумеранг”, методи тадқиқоти эҷодӣ, методи эвристӣ, кейс-метод ва ғ.

8. Шаклҳои самарабахши кори беруназаудиторӣ инҳоянд: ташкили маҳфили «Шинохти Тоҷикистон тавассути забони англисӣ»; ташкили клуби донишмандон, маҳфилҳои «Зодгоҳи ман», «Муколамаи Шарқу Ғарб»; гузаронидани шабнишиниҳо, викторинаҳо, озмунҳо, ҳафтаи забони англисӣ, мизи мудаввари «Сарзамини биҳиштосо», шанбегиҳо; иштирок дар чорабиниҳое, ки аз ҷониби ҳайати факултет, маъмурияти донишгоҳ ва мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии шаҳру вилоят гузаронида мешаванд.

9. Ҳангоми баҳодиҳии сифати тарбияи ватандӯстии донишҷӯён қобилияти когнитивӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва иҷтимоии донишҷӯён бояд нишондиҳандаҳои меъёрӣ бошад.

10.Маводи маҳаллӣ бояд муоширатро ба забони хориҷӣ таҳрик диҳад ва дар ҳамгироӣ бо таҷрибаи шахсии донишҷӯён ба онҳо имконият диҳад, ки бо корбасти

далелу тафсилоти ҳаёти ҳаррӯза, воқеияти объективӣ ва хусусиятҳои фарҳанги модарии худ амал кунанд.

11.Истифодаи маводи маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ бояд ба дидгоҳҳои системавӣ, ба шахсият нигаронидашуда, аксиологӣ, этнопедагогӣ ва фаъолиятнокӣ асос ёбад, ки мундариҷаи он ҷузъҳои мақсаднок, мундариҷавӣ, протсессуалӣ, ташхисиро дар бар мегирад.

12. Ба феҳристи мавзӯъҳои фанни «Методикаи таълими забонҳои хориҷӣ» дохил намудани мавзӯи «Методикаи татбиқи компоненти минтақавӣ дар дарсҳои забони хориҷӣ ва фаъолияти беруназсинфӣ» мувофиқи мақсад мебошад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

### I. Мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда:

[1-А] Худойбердиева М.З. Способы воспитания патриотического самосознания у будущих учителей иностранного языка с помощью страноведческих и краеведческих материалов [Матн] // М.А. Абдуллоева, М.З. Худойбердиева (дар ҳаммуаллифӣ). – Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2021, №4 (69). – С.205-210. ISSN 2077-4990

[2-А] Худойбердиева М.З. К вопросу о патриотическом воспитании студентов в языковом вузе [Матн] // М.З. Худойбердиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021, №6. – С.179-184. ISSN 2074-1847

[3-А] Худойбердиева М.З. К вопросу о развитии письменной речи средствами материалов патриотического характера [Матн] // М.З. Худойбердиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022, №2. – С.126-132. ISSN 2074-1847

[4-А] Худойбердиева М.З. Из опыта использования краеведческого материала в качестве средства патриотического воспитания на уроках иностранного языка [Матн] // М.З. Худойбердиева// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022, №1/3 (101). – С.216-220. ISSN 2663-5534

[5-А] Худойбердиева М.З. Эффективные методы патриотического воспитания на занятиях английского языка [Матн] // М.З. Худойбердиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2023, №1/2 (110). – С. 217-223. ISSN 2663-5534

### II. Мақолаҳое ки, дар нашрияҳои дигар ба чоп расиданд:

[6-А] Худойбердиева М.З. Патриотическое воспитание студентов в процессе внеаудиторной работы [Матн] // М.З. Худойбердиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. Педагогика ва психология, методики таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ. – Душанбе, 2022, №1(11). – С.88-94. ISSN 2708-5759

[7-А] Худойбердиева М.З. Роль патриотического воспитания на занятиях английского языка [Матн] // М.З. Худойбердиева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ". – Хуҷанд, Ношир 2022, №13. – С.328-336. ISBN 978-99985-74-26-7

[8-А] Худойбердиева М.З. Роль краеведческого материала в системе гражданско-патриотического воспитания во внеурочной деятельности [Матн] // М.З.

Худойбердиева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ “Масоили мубрами забоншиносии муосир ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ”. – Хуҷанд, Меъроҷ, 2022, №14. – С.365-369.

[9-А] Худойбердиева М.З. О патриотическом воспитании средствами краеведения [Матн] // М.З. Худойбердиева // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ бахшида ба 75 солагии дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров А.Ш.Шарипов. – Хуҷанд, Нури маърифат, 2023. – С.209-212. ISBN 978-99985-943-3-3

[10-А] Худойбердиева М.З. Нравственные принципы и ценности воспитания современного общества на уроках иностранного языка [Матн] // М.З. Худойбердиева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, бахшида ба 30-солагии робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон-Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон- Ҷумҳурии Австрия, инчунин 75 солагии профессор Сайфуллоев Х.Г. (Душанбе, 20-22 маи с.2023). – Душанбе, Нашриёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С.318-319. ISBN 978-99985-865-5-0

[11-А] Худойбердиева М.З. Проблемы патриотического воспитания современной молодежи [Матн] // М.З. Худойбердиева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бо мақсади амалӣ гардидани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (Душанбе, 16 декабри с.2023). – Душанбе, Нашриёти ДДОТ ба номи С. Айни, 2023. – С.288-290. ISBN 978-99985-884-8-6

[12-А] Худойбердиева М.З. Теоретико-методические основы построения и реализации краеведческого подхода в обучении студентов в вузе [Матн] // М.З. Худойбердиева // Маводи конфронси илмии байналмилалии “Ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳлилии тадқиқотҳои муосир”. – (9 январи с.2024). -Истамбул, Authors 2024. –С.146-151.

[13-А] Худойбердиева М.З. Формирование позновательного интереса к процессу обучения средством патриотического воспитания [Матн] // М.З. Худойбердиева // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ бахшида ба 65 солагии дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров М.М.Раҷабова. – Хуҷанд, Меъроҷ, 2024. – С.139-144. ISBN 978-99985-78-22-7

[14-А] Худойбердиева М.З. Асосҳо ва арзишҳои маънавию ахлоқии тарбияи ҷомеаи муосир [Матн] // М.З. Худойбердиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ “Масоили мубрами методикаи муосири таълими забонҳои хориҷӣ ва забоншиносии типологӣ” (Хуҷанд, 5-уми марти соли 2024 ) . – Хуҷанд, Меъроҷ, 2024 №16. – С.469-475. ISBN 978-99985-943-7

[15-А] Зафарзода М.З. Исторический аспект патриотического воспитания [Матн] // М.З. Зафарзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ бахшида ба татбиқи “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва эълон гардидани соли 2024 соли маърифати ҳуқуқӣ.- (Душанбе, 24 октябри с.2024). – Душанбе, Нашриёти ДДОТ ба номи С. Айни, 2024. – С.542-545. ISBN 978-99985-33-21-9

**III. Дастури таълимӣ-методӣ**

[16-А] Худойбердиева М.З. Exploring Grammar through Tests // М.А.Абдуллаева, М.Х Валиева, М.З. Худойбердиева // Дастури таълимӣ-методӣ барои курсҳои болоии факултети забонҳои хориҷӣ (ихтисос – Забони англисӣ). – Хуҷанд, Меъроҷ, 2022. – 140 с. ISBN 978-99985-963-5-1

**АННОТАЦИЯ**

**диссертации Зафарзоды Мафтуны Зафар на тему «Технология использования краеведческих материалов будущими учителями иностранного языка в целях патриотического воспитания личности», представленной на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.08 - Теория и методика профессионального образования (педагогические науки) (13.00.08.04 - Теория и методика гуманитарных дисциплин)**

**Ключевые слова:** патриотическое воспитание, лексико-грамматические материалы, эффективность технологии, апробация, разработка, краеведческие материалы, анализ поведения, развитие речи, будущий учитель, посредством современных и традиционных методических приемов, развитие личности.

Диссертация посвящена одной из актуальных проблем современной педагогики – использованию краеведческих материалов будущими учителями иностранного языка в целях патриотического воспитания личности, т.к. в эпоху ощутимых научно-технических достижений и новых открытий в человеческом сознании, нужны высококвалифицированные учителя, воспитывающие подрастающее поколение в духе патриотизма и национального самосознания. Отсюда, воспитание национального патриотического самопознания и самосознания образованной личности является одним из основных вопросов современной педагогики.

**Цель исследования:** разработка, апробация, а также внедрение в иноязычный процесс технологии использования краеведческих материалов с целью патриотического воспитания студентов на занятиях по практике устной и письменной речи английского языка в языковом вузе.

**Объект исследования:** процесс иноязычного образования на языковом факультете педагогического вуза.

**Предмет исследования:** педагогические условия, созданные через призму краеведческих материалов на английском языке в целях патриотического воспитания будущих учителей иностранного языка.

**Научная новизна** исследования:

- рассмотрено содержание компонентной характеристики патриотизма как важнейшего качества языковой личности, описаны основные направления ее воспитательного развития;
- определены воспитательные функции учителя, квалифицировано педагогическое инструментирование иноязычного процесса патриотического воспитания;
- разработана структурно-содержательная модель оценки качества патриотического воспитания студентов;
- разработана и экспериментально апробирована технология использования краеведческих материалов будущими учителями иностранного языка в целях патриотического воспитания личности.

**Теоретическая и практическая значимость работы** заключается в том, что в ней расширено представление о патриотическом воспитании; раскрыта сущность и определено основное содержание воспитательной работы в иноязычном процессе вуза; систематизированы различные аспекты и подходы для использования воспитательного потенциала краеведческих материалов при обучении английскому языку в языковом вузе; разработаны способы оптимального педагогического обеспечения процесса применения краеведческих материалов при воспитании будущих учителей иностранного языка средствами иноязычной речевой деятельности; представлены пути и приёмы эффективного использования краеведческих материалов в рамках разработанной технологии с целью патриотического воспитания будущих учителей иностранного языка средствами специальных дисциплин. Предлагаемая авторская технология может быть использована в процессе преподавания иностранного языка во всех типах национальных образовательных учреждений.

## АННОТАТСИЯИ

**кори диссертатсионии Зафарзода Мафтуна Зафар “Технологияи истифодабарии маводҳои маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсият”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.**

**Калидвожаҳо:** тарбияи ватандӯстӣ, маводи лексикӣ ва грамматикӣ, самаранокии технология, санҷиш, коркард, маводи маҳаллӣ, таҳлили рафтор, инкишофи нутқ, омӯзгори оянда, тавассути усулҳои муосир ва анъанавии методӣ, рушди шахсият.

Диссертатсия ба яке аз масъалаҳои мубрами педагогикаи муосир- истифодабарии маводҳои маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсият бахшида шудаааст. Дар давраи дастовардҳои назарраси илмию техникӣ ва кашфиёти нави шуури инсонӣ барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватанпарварӣ ва худогоҳии миллӣ омӯзгорони баландихтисосе заруранд, ки насли наврасро дар чунин рӯҳия тарбия мекунанд. Аз ин ҷо, тарбияи худшиносии миллии ватандӯстона ва худогоҳии шахсияти бомаърифат яке аз муаммоҳои меҳварии педагогикаи муосир ба шумор меравад.

**Мақсади таҳқиқот:** коркард, санҷиш, инчунин ҷорӣ намудани технологияи истифодабарии маводи маҳаллӣ ба ҷараёни таълими забони хориҷӣ ҷиҳати тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дар дарсҳои амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ дар донишгоҳи забономӯзӣ.

**Объекти таҳқиқот:** раванди таълими забони хориҷӣ дар факултети забономӯзии донишгоҳи педагогӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** шароити педагогӣ, ки тавассути маводи маҳаллӣ бо забони англисӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ фароҳам оварда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**:

- мундариҷаи тавсифи таркибии мафҳуми ватандӯстӣ ҳамчун муҳимтарин сифати шахсияти соҳибзабон баррасӣ гардида, самтҳои асосии тарбиявии он нишон дода шуданд;
- вазифаҳои тарбиявии омӯзгор муайян гардида, воситаҳои педагогии тарҳрезии тарбияи ватандӯстӣ дар раванди забономӯзӣ муайян гардиданд;
- амсилаи сохторию мундариҷавии баҳодиҳии сифати тарбияи ватандӯстии донишҷӯён коркард карда шуд;
- технологияи истифодаи маводи маҳаллӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии шахсият коркард гардида, тариқи озмоиш санҷида шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:** тасаввурот дар бораи тарбияи ватандустӣ вусъат дода шуд; моҳияти кори тарбиявӣ дар раванди забономӯзӣ дар донишгоҳ ошкор гардида, мазмуни асосии он дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ муайян гардид; ҷанба ва дидгоҳҳои гуногун нисбат ба истифодаи иқтидори тарбиявии маводи маҳаллӣ ҳангоми таълими забони англисӣ дар мактаби олии забономӯзӣ ба низом дароварда шудаанд; роҳу усулҳои самараноки ташкили раванди педагогии истифодаи маводи маҳаллӣ дар омодасозии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ тавассути фаъолияти нутқӣ ба забони хориҷӣ коркард шудаанд; технологияи истифодаи маводи маҳаллӣ дар доираи тарбияи ватандӯстии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ бо воситаи фанҳои тахассусӣ пешниҳод гардидаанд. Технологияи пешниҳодшуда метавон дар раванди таълими забони хориҷӣ дар тамоми муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ корбаст намуд.

## ANNOTATION

**of the dissertation of Zafarzoda Maftuna Zafar on the topic "Technology of using local materials by future foreign language teachers aimed at patriotic education of the personality", submitted for the degree of Candidate of Pedagogical Sciences in the speciality 13.00.08 - Theory and methods of professional education (Pedagogical Sciences) (13.00.08.04 – theory and methods of humanitarian sciences).**

**Key words**: patriotic education, lexical and grammatical materials, effectiveness of technologies, testing, development, local materials, analysis of behaviour, speech development, future teacher, through modern and traditional methodological techniques, personal development.

The dissertation is devoted to one of the actual problems of modern pedagogy – using local materials by future foreign language teachers for the purpose of patriotic education of the personality. In an era of tangible scientific and technological achievements and new discoveries in human consciousness, highly qualified teachers are needed to educate the younger generation in the spirit of patriotism and national identity. Hence, the education of national patriotic self-knowledge and self-awareness of an educated individual is one of the main issues of modern pedagogy.

**Purpose of the study:** development, testing, as well as integration into the foreign language process the technology for using foreign language local history materials for the purpose of patriotic education of students in classes on the English speech practice at a language university.

**Object of study:** the process of foreign language education at the language department of a pedagogical university.

**Subject of research:** pedagogical conditions created through the prism of local materials in English for the purpose of patriotic education of future foreign language teachers.

**The scientific novelty**:

- the content of the component characteristics of patriotism as the most important quality of a linguistic personality is considered, the main directions of its educational development are described;
- the educational functions of the teacher are determined, the pedagogical instrumentation of the foreign language process of patriotic education is qualified;
- a structural and content model for assessing the quality of patriotic education of students has been developed;
- a technology for using local history materials by future foreign language teachers for the purpose of patriotic education of the individual has been developed and experimentally tested.

**The theoretical and practical significance** of this work lies in expanding the understanding of patriotic education; revealing its essence and defining the main content of educational work within the foreign language learning process at universities. It systematizes various aspects and approaches for utilizing the educational potential of regional studies materials when teaching English at language universities. Methods have been developed for optimal pedagogical support in the use of regional studies materials for educating future foreign language teachers through foreign language speech activities. Additionally, the work presents ways and techniques for effectively using regional studies materials within the framework of the developed methodology to achieve this goal.